



# ТОҶИКИСТОН

№10 (1624), 5.03.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992




# ПАРЛУМОНИ НАВ

## Кӣ аз кадом ҳизбу ҳавза вакил шуд?




**МЕДАЛИ ТИЛЛОИ БОНУИ ТОҶИК АЗ КУВАЙТ** с.7

**АЛВИДОЪ "РОҲАТ"**
Чойхонаи қадимии Душанбе тахриб шуд с.5

**НИГОҲИ ДИГАР**
Бо Америко музокира намекунем! с.4

**90 СОЛИ УМР**
Мусоҳиба бо физики маъруф Ином Бобоҷонов с.8

**АВВАЛИН АКТРИСА**
Рӯзгори як зани мубориз тоҷик с.10

**МУҲОҶИРАТ**
Хонаи нави тоҷик хашми русҳоро овард с.11

**РӮЗА**
10 манфиати он ба саломатии инсон с.12

**ВАРЗИШ**
Тоҷикистон меҳмони Ҷоми Осиё с.15





## ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,**
сармуҳаррири рӯзномаи “The Bukharian Times”

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,**
доктори илми иқтисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,**
доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,**
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалluқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад.*
*Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# РӮНАМОИИ ОСОРИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР УКРАИНА

**Дар шаҳри Киев, пойтахти Украина рӯнамоии китоби асосгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айни бо номи “Асарҳои мунтахаб” ба забони украинӣ баргузор шуд.**

Ин китоб бо ташаббус ва дастгирии молиявии Бунёди Денис Парамонов аз ҷониби як нашриёт дар Харков нашр шуд.

Рӯнамоии китоб дар Сафорати Тоҷикистон дар Украина дар доираи маҳфили фарҳангии “Ҳувияти миллӣ ва ҳисси ватандӯстӣ” баргузор гардид. Дар ин чорабинӣ ҳамватанони муқими шаҳр ва вилояти Киев, инчунин намояндагони зиёиёни маҳаллӣ аз Киев, Одесса ва Харков иштирок доштаанд.

Китоби мазкур достонҳои “Марги судхӯр”, “Ҷаллодони Бухоро” ва “Мактаби кӯҳна”-ро дар бар мегирад. Дар ҷамъомад шарқшиноси маъруфи украинӣ Олександр Шокало, устоди Донишкадаи рӯзноманигории Донишгоҳи Киев, профессор Микола Васкив, ходими калони Донишкадаи адабии ба номи Тарас Шевченкои Академияи миллии илмҳои Украина Олга Тетерина, мудири кафедраи филологияи славянии Донишгоҳи миллии Украина Олена Дзюба, директори “Осорхонаи як кӯча” Дмитро Шлонский ва намояндаи “Бунёди Денис Парамонов” Олег Орлов ширкат ва суханронӣ кардаанд.

# АФЗОИШИ СОДИРОТИ БАРҚ БА ХОРИҶА

**Моҳи январи соли ҷорӣ аз Тоҷикистон ба маблағи зиёда аз 6,5 млн доллар неруи барқ содир шуд. Бино ба иттилои Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон, ин нишондиҳанда 2,7 баробар зиёдтар нисбат ба моҳи январи соли гузашта (ҳудуди 2,4 млн доллар) аст.**

Ҳиссаи интиқоли неруи барқ дар ҳаҷми умумии содироти ҷумҳурӣ дар моҳи январи соли ҷорӣ 5,7%-ро ташкил медиҳад.

Бино ба маълумоти Агентӣ, содироти барқ дар моҳи январи соли равон зиёдтарин дар мавсими тирамоҳу зимистони имсол аст. Дар моҳи октябр интиқоли барқ аз Тоҷикистон ба хориҷи кишвар ба маблағи 3,8 млн доллар, моҳи ноябр - 4,2 млн доллар ва декабр - 6,4 млн доллар сурат гирифта буд.

Тибқи маълумоти ҶСК “Барқи тоҷик”, дар мавсими тирамоҳу зимистон неруи барқ дар ҳаҷми начандон зиёд танҳо ба Афғонистон интиқол дода мешавад. Қарордоди интиқол ба Ӯзбекистон танҳо дар мавсими тобистон амал мекунад.

# БАҚАЙДГИРИИ ДОВТАЛАБОН ОҒОЗ ШУД

**3-юми март дар Тоҷикистон марҳилаи аввали бақайдгирии довталабон дар Маркази миллии тестӣ барои ширкат дар имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ ба донишгоҳу донишкадаҳои кишвар оғоз шуд.**

Бино ба иттилои Маркази миллии тестии назди Президенти Тоҷикистон, даври аввали бақайдгирӣ имсол то 30-юми апрел давом мекунад.

Арзиши бақайдгирӣ барои довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 370 сомонӣ ва барои довталабони дорои таҳсилоти миёнаи асосӣ (синфи 9) 320 сомониро ташкил медиҳад.

Ба таъкиди ММТ, минбаъд ҳамасола бақайдгирии довталабон дар 4 давра гузаронида мешавад.



# ҲУШДОРИ ВАЗИРИ МУДОФИА

**Вазири мудофиаи Тоҷикистон Эмомалӣ Собирзода аз вазъи ноустувору зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ҳушдор дод.**

Ӯ дар ҷаласаи даъвати баҳории наваскарон гуфт, дар чунин як шароити бисёр ҳассоси минтақа ва ҷаҳон ҳар як фарди низомиро мебояд, ки аз ҳарвақта дида дар самти иҷрои вазифаву уҳдадориҳои хизматӣ бо масъулияти баланд муносибат намоянд.

Вай зарурати тақвияти тамоми бахшҳои Артиши миллӣ ва баланд бардоштани иқтидори мудофиавии кишварро таъкид намуд.

Дар ҷаласа муовини Сарвазири мамлакат - раиси Комиссияи даъватии ҷумҳуриявӣ барои бартараф намудани ҳама гуна монеаву мушкилоти ҷойдошта супориш дод, ки масъулини комиссияҳои даъватӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои хуб ташкил кардану ба роҳ мондани ин маъракаи муҳими сиёсӣ ҳамкориро бо мардум, ҷавонони синни даъватӣ, волидони онҳо ва дигар афроди некбини ҷомеа ҷоннок намоянд. Ҳамчунин, дар миёни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва дигар чорабиниҳои ташвиқотиву тарғиботӣ, зарурати хизмати ҳарбӣ ва адои вазифаи ҷавонмардиро боз ҳам тақвият бахшанд.

# САРИ САБЗ



**Абдунабӣ САТТОРЗОДА,**
**доктори илми филология**

**- Мо, шукри Худо, ҳам адабиёти нағз, ҳам нақди нағз дорем. Вале афсӯс, ки миқдорашон кам аст. На ҳамаи он навиштаҷоте бо номи шеъру достону роману қиссаву ҳикояву драмаву тақризу мақола ва рисолаи илмӣ ва ғайра, ки имрӯзҳо ба нашр мерасанд, моли адабиёти асил ва нақди ростин ҳастанд.**

*- Дуруст, бисёриҳо ҷонибдори чунин андешаанд. Аммо сабаб чист, ки бо гуфтанҳову интиқодҳои мунаққидон ҳам миқдори адабиёти нағзамон намеафзояд, то замина барои нақд гардад?*



**Нигина АМОНҚУЛОВА,**
**Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон**

**- Таъсири ҳунарманд ба омма зиёд аст. Чунки бештар нигоҳ мекунанд, сурудашро гӯш мекунанд, либоспӯшиашро мебинанд ва пайравӣ ҳам менамоянд, аз ин рӯ, ҳунармандон дар ин ҷиҳат бояд бисёр эҳтиёткор бошанд. Ман мувофиқ ба сурудҳоям дар саҳна ҳоло ҳам тоқӣ мепӯшам.**

*- Ҳар кас услуб, яъне стили либоспӯшии худро мувофиқ ба равиши саҳна баромаданаш дорад-дия. Як кас тоқӣ мепӯшад, дигаре “кепка”. Агар шубҳа доред, оммаро зери мушоҳида гиред, зеро таъсири ҳунарманд ба омма зиёд аст...*



**Шамсиддин НАСРИДДИН,**
**собиқадори матбуот**

**- Моҳе ду маротиба бо ҳамкорон то дергоҳи шаб дилхушӣ мекардем. Шабе то дер назди ҳайкали Айнӣ сурудхонӣ доштем, ки милисаҳо омаданд. Аз «Комсомоли Тоҷикистон» буданамонро фаҳмида, ба ҷои ба шуъба бурдан моро бо мошини хизматиашон то хонаҳоямон расонданд.**

*- Чунин ҳолатҳоро дар муқоиса мегуфтед, хело хуб мешуд. Нашавад, ки дигар ҳамкасбон ҳам таассуб кардаву то дергоҳи шаб ба умеди муфт ба хонаҳояшон рафтан дилхушӣ кунанд?*



# ПАРЛУМОНИ НАВ

## Кӣ аз кадом ҳизбу ҳавза вакил шуд?

**НАТИҶАИ ИНТИХОБОТ ЧУНИН АСТ:**

**2-юми март дар Тоҷикистон интихоботи парлумонӣ баргузор шуд, ки натиҷаи он рӯзи 3-юми март аз ҷониби Бахтиёр Худоёрзода, раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР)-и Тоҷикистон эълон шуд.**

**Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон** - 12 курсӣ (2 миллиону 435 ҳазору 541 нафар - 51,9 дарсад)

**Ҳизби аграрии Тоҷикистон** - 5 курсӣ, (986 ҳазору 887 нафар - 21 дарсад)

**Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон** - 3 курсӣ (595 ҳазору 281 нафар - 12,7 дарсад)

**Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон** - 1 курсӣ (248 ҳазору 64 нафар - 5,3 дарсад)

**Ҳизби демократи Тоҷикистон** - 1 курсӣ (237 ҳазору 563 нафар - 5,1 дарсад)

**Ҳизби коммунисти Тоҷикистон** - 0 курсӣ (89 ҳазору 738 нафар - 1,9 фоиз)

*Ба муқобили рӯйхати ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ 50 ҳазору 895 нафар ё 1,1 фоиз овоз додаанд.*

### ВАКИЛОНЕ, КИ АЗ РӮЙХАТИ ҲИЗБӢ УЗВИ ПАРЛУМОН ШУДАНД

**ВАКИЛОНИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН:**

1. *Шермуҳаммад Шоҳиён,* раиси пешини Суди олӣ
2. *Матробиён Саодатшо Қосимзода*, вакили даъвати шашуми Маҷлиси намояндагон
3. *Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ,* муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатӣ
4. *Ғанизода Шӯҳрат Абдулмаҷид,* сардори Раёсати ҳуқуқи ДИП ҶТ
5. *Исҳоқӣ Ҳусния Давлаталӣ,* муовини раиси ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ
6. *Идиев Аҳмад Маҳмудович,* муовини директори генералии Ширкати "Транс Таджик Газ"
7. *Имомова Нилуфар Маҳмаисуфовна*, муовини ректор оид ба тарбия дар ДМТ
8. *Набизода Тоҳир Толиб,* профессори Академияи идоракунии давлатӣ
9. *Мусоҷонзода Ҷамила Мансур,* мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Шохмансур
10. *Ҷалолзода Миршакар Саид,* раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ш. Бӯстон
11. *Бобоиён Мадина Абдуяқинзода,* муовини раиси шаҳри Исфара
12. *Муродуллозода Дилноза Муродулло*, раиси ҷамоати деҳоти ба номи Н. Хусрав

**ВАКИЛОНИ ҲИЗБИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН**

1. *Сарвиноз Маҷидзода,* вакили даъвати шашуми Маҷлиси намояндагон
2. *Рустам Раҳматзода,* вакили даъвати шашуми Маҷлиси намояндагон
3. *Зафар Ализода,* вакили даъвати шашуми Маҷлиси намояндагон

**ВАКИЛОНИ ҲИЗБИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН:**

1. *Рустам Латифзода,* вакили даъвати шашуми Маҷлиси намояндагон
2. *Фазлиддин Икромӣ,* вакили даъвати шашуми Маҷлиси намояндагон
3. *Бахтиёр Аҳмадзода,* даъвати шашуми Маҷлиси намояндагон
4. *Неъматулло Холбойзода,* даъвати шашуми Маҷлиси намояндагон
5. *Нуралӣ Ниязов,* директори генералии ҶСП «ТаадЭс»

**ВАКИЛОНИ ҲИЗБИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН:**

1. *Ғулом Ҳалимзода,* раиси ҲСТ

**ВАКИЛОНИ ҲИЗБИ ДЕМОКРАТИ ТОҶИКИСТОН:**

1. *Шаҳбози Аброр,* раиси ҲДТ

### ИНТИХОБОТ-2025

Дар умум, аз 41 ҳавзаи якмандатӣ аз 37 ҳавза номзадҳои ҲХДТ, дар 2 ҳавза номзадҳои ҲИИТ ва дар 2 ҳавза номзадҳои ҲАТ баранда шудаанд.

Ёдовар мешавем, ки дар Тоҷикистон 7 ҳизби сиёсӣ амал мекунанд. Соли равон Ҳизбти сотсиал-демократи Тоҷикистон дар интихоботи парлумонӣ ширкат накард.

Дар умум, тибқи иттилои КМИР дар интихоботи парлумонӣ 85,3% аҳолии қобили райъи Тоҷикистон овоз додаанд.

### ВАКИЛОНЕ, КИ АЗ ҲАВЗАҲОИ ЯКМАНДАТӢ ПИРӮЗӢ БА ДАСТ ОВАРДАНД

*Сиёвуш Наботзода* - вакили ноҳияи Фирдавсӣ №1 аз ҲХДТ;

*Нигина Шарифова* - вакили ноҳияи Исмоили Сомонӣ №2 аз ҲХДТ;

*Амирзода Ориф* - вакили ноҳияи Шоҳмансур №3 аз ҲХДТ;

*Рустам Шоҳмурод* - вакили ноҳияи Сино №4 аз ҲХДТ;

*Ғафурҷон Собирзода* - вакили шаҳри Турсунзода №5 аз ҲХДТ;

*Ғиёсиддин Ашӯрзода* - вакили шаҳри Шаҳринав №6 аз ҲИИТ (раиси ҳизб);

*Сурайё Дӯстмуродзода* - вакили шаҳри Ҳисор №7 аз ҲХДТ;

*Илҳом Камолзода* - вакили ноҳияи Исмоили Сомонӣ №8 аз ҲХДТ;

Муҳаммадулло Шерализода - вакили ноҳияи Рӯдакӣ №9 аз ҲХДТ;

*Хоҷазода Фарзона* - вакили шаҳри Ваҳдат №10 аз ҲХДТ;

*Асадулло Наҷмидиниён* - вакили ноҳияи Файзобод №11 аз ҲХДТ;

*Файзалӣ Идизода* - вакили ноҳияи Рашт №12 аз ҲХДТ;

*Мавсума Муинӣ* - вакили шаҳри Хуҷанд №13 аз ҲХДТ;

*Дилафрӯз Саидӣ* - вакили ноҳияи Бобоҷон Ғафуров №14 аз ҲХДТ;

*Ҳакимзода Ҳомидҷон Кенҷа* - вакили ҷамоати Ӯрунхӯҷаев №15 аз ҲАТ;

*Каримзода Фарҳод* - вакили ноҳияи Ҷаббор Расулов №16 аз ҲХДТ;

*Баҳриддин Зиёӣ* - вакили ноҳияи Ашт № 17 аз ҲХДТ;

*Ғайрат Азиззода* - вакили ноҳияи Мастчоҳ №18 аз ҲХДТ;

*Насрулло Маҳмудзода* - вакили ноҳияи Конибодом №19 аз ҲХДТ;

*Муҷибахон Ҷавҳарӣ* - вакили шаҳри Исфара №20 аз ҲХДТ;

*Парвиз Шодизода* - вакили шаҳри Панҷакент №21 аз ҲХДТ;

*Қиёмиддин Давлатзода* - вакили ноҳияи Айнӣ №22 аз ҲХДТ;

*Шӯҳрат Аҳрорзода* - вакили шаҳри Истаравшан №23 аз ҲХДТ;

*Шаҳбоз Шоҳсаидзода* - вакили ноҳияи Деваштич №24 аз ҲХДТ;

*Бахтиёр Аҳмадзода* - вакили ноҳияи Спитамен №25 аз ҲАТ;

*Ализода Зафар* - вакили ноҳияи Бохтар №26 аз ҲИИТ;

*Шодиён Муҳаммад* - вакили ноҳияи Кӯшониён №27 аз ҲХДТ;

Бибиосия Аюбӣ - вакили ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ №28 аз ҲХДТ;

*Насрулло Ҳасанзода* - вакили ноҳияи Ёвон №29 аз ҲХДТ;

*Ғоибназарзода Саид* - вакили ноҳияи Балхӣ №30 аз ҲХДТ;

*Зарафо Қиёмзода* - вакили ноҳияи Қубодиён №31 аз ҲХДТ;

*Мунаввар Абдусаломзода* - вакили ноҳияи Вахш №32 аз ҲХДТ;

*Неъматулло Иброҳимзода* - вакили ноҳияи Ҷайҳун №33 аз ҲХДТ;

*Азизбек Хайриддинзода* - вакили ноҳияи Фархор №34 аз ҲХДТ;

*Фирдавс Саидзода* - вакили ноҳияи Ҳамадонӣ №35 аз ҲХДТ;

*Маҳмадшоҳ Гулзода* - вакили ноҳияи Данғара №36 аз ҲХДТ;

*Шариф Ҳакимзода* - вакили шаҳри Кӯлоб №37 аз ҲХДТ;

*Барно Саидвализода* - вакили ноҳияи Муъминобод №38 аз ҲХДТ;

*Комилҷон Шамшерзода* - вакили ноҳияи Восеъ №39 аз ҲХДТ;

*Ҳаким Давлатзода* - вакили ноҳияи Ванҷ №40 аз ҲХДТ;

*Гиёзода Азиз* - вакили ноҳияи Хоруғ №41 аз ҲХДТ.

## Бо Америко музокира намекунем

**Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуд Пизишкиён шарҳ дод, ки ният дошт бо Америко дар хусуси барномаи атомии Эрон гуфтугӯ ва музокира кунад, вале бинобар мақеи Роҳбари олии кишвар Оятуллоҳ Алии Хоманаӣ аз ин тасмим даст кашид.**



Пизишкиён дар маросими суханронии худ дар парлумони кишвараш гуфт, қасд дошт бо музокира бо Америко кишварро аз таҳримҳо озод кунад, вале ҳукми ниҳоиро Хоманаӣ содир кард ва гуфт, ки музокирот бо Америко шарофатмандона нест.

Як моҳ қабл, роҳбари олии Эрон Оятуллоҳ Хоманаӣ бо қатъият музокирот бо намояндагони ҳукумати Доналд Трампро рад кард.

IRNA The Islamic Republic News Agency



## Оташбас баъди 40 сол

**Баъди музокираҳои тӯлонӣ роҳбари Ҳизби коргарони курд (PKK) ба тарафдоронаш паём фиристод, ки силоҳҳояшонро ба замин гузошта, ҳизбро барҳам диҳанд.**

Ӯ дар паёмаш таъкид кард, ки ҳизб дар замони душвори сиёсӣ барои ҳимоят аз ҳуқуқи курдҳо таъсис шуда буд ва ҳоло дигар ниёз ба фаъолияти он вуҷуд надорад.

Паёми роҳбари курдҳо Абдуллоҳ Очалон дар ҳоле сурат мегирад, ки ӯ беш аз 20 сол боз дар маҳбас бар сар мебарад.

Ҳизби коргарони курд, ки таърихи беш аз 40-сола дорад, аз сӯйи Абдуллоҳ Очалон таъсис дода шуд ва солҳо боз барои расидан ба истиқлол ва кишвари мустақил барои курдҳо мубории мусаллаҳона мебарад.

Hurriyat

# ҶАНҶОЛИ ТРАМП ВА ЗЕЛЕНСКИЙ

## Оё Украина омодаи сулҳ нест?

**Мулоқоти таърихии президенти Украина Владимир Зеленский ва президенти ИМА Доналд Трамп, ки ҷаҳон онро интизор буд, бо баҳси шадид анҷомид. Зеленский ба хашм омада, Кохи Сафедро пеш аз вақт тарк кард. Трампи хашмгин ҳам гуфт, Зеленский "метавонад замоне баргардад, ки омодаи сулҳ шавад".**



Дар ин мулоқот созишномаи истихроҷи маъданҳои Украина, ки ҳадафи аслии мулоқот буд, ба имзо нарасид ва нишасти матбуотии муштарак низ баргузор нагашт.

Трамп дар бораи воҳӯрӣ дар пойгоҳи иҷтимоии худ Truth Social навишт: "Мо имрӯз дар Кохи Сафед мулоқоти хеле пурмазмун доштем. Бисёр чизҳое фаҳмида шуд, ки бе чунин суҳбат дар зери чунин оташ ва фишор ғайри қобили фаҳм буданд. Он чӣ ки ба воситаи эҳсосот берун меояд, аҷиб аст ва ман муайян кардам, ки президент Зеленский ба сулҳе, ки дар он Америко ширкат кунад, омода нест, зеро эҳсос мекунад, ки ширкати мо ба ӯ дар музокирот бартарии калон медиҳад",- навиштааст Трамп дар паёми худ. "Ман бартарӣ намехоҳам, ман сулҳро мехоҳам. Вай ба Иёлоти Муттаҳидаи Америко дар Дафтари Гирди азизи мо беэҳтиромӣ кард. Ӯ метавонад вақте баргардад, ки омодаи сулҳ бошад",- афзудааст ӯ.

Зеленский Кохи Сафедро пеш аз муҳлат дар пайи мулоқоте тарк кард, ки дар он ӯ ба ӯҳдадориҳои амниятии ИМА таъкид кард ва гуфт, ки "набояд бо қотил созиш кард" ва бо ин ошкоро ба президенти Русия Владимир Путин ишора кард, дар ҳоле ки Трамп гуфт, Украина бояд гузашт кунад ва Киев бояд аз ҳимояти ИМА сипосгузор бошад.

Рӯзи 28-уми феврал, пас аз дастфишорӣ дар нахустин мулоқот баъди ба қудрат расидани Трамп дар моҳи гузашта, ду раҳбар дар назди дурбинҳо гуфтугӯи сард дошта, бо баланд кардани садо баҳсеро идома доданд, ки Трамп як ҳафта пеш оғоз карда, Украинаро оғозгари ҷанг ва Зеленскийро "диктатор" номида буд.

Трамп, ки баъд аз президент интихоб шудани Зеленский дар соли 2019 бо ӯ муносибати душвор дошт, гуфт: "Шумо аслан ҳамчун каси миннатдор рафтор намекунед. Ин чизи хуб нест". Вай афзуд, ки "бо чунин шева кор кардан хеле сахт хоҳад буд".

"Шумо ҳаёти миллионҳо одамро ба қимор мегузоред,- гуфт Трамп.- Шумо бо Ҷанги сеюми ҷаҳонӣ қиморбозӣ доред ва коре, ки шумо мекунед, хеле беэҳтиромист ба кишваре, ки аз он чӣ бисёриҳо мегӯянд, бештар пуштибониятон кардааст".

Дар наворҳои видеоӣ аз рафти мулоқот дида мешавад, ки Трамп ва Зеленский сухани якдигарро мебуриданд ва президенти ИМА ба меҳмони худ гуфт: "Кишвари шумо гирифтори мушкили бузург аст. Шумо ғалаба накарда истодаед... Шумо як имкони ҳудудод доред, ки ба воситаи мо аз ин мушкил хуб берун шавед... Шумо қартае надоред". Дар посух Зеленский гуфтааст, ки ба ин ҷо барои қартабозӣ наомадааст.

Таваҷҷуҳ ба ин мулоқот аз он ҷо буд, ки дида шавад, оё Иёлоти Муттаҳида ба ҳимояти бештар аз Украина майл хоҳад кард ва чӣ гуна заmонати сулҳро бо Русия хоҳад дод.

Интизор мерафт, ки ду ҷониб созишномаи умумии дастрасии Америкоро ба маъданҳои Украина имзо кунанд. Пеш аз ҷанҷол Зеленский ба хабарнигорон дар Кохи Сафед гуфт, ки ӯ умедвор аст созишномаи истихроҷи маъданҳо барои Украина як қадаме ба пеш хоҳад буд ва гуфт, ки мехоҳад бо Трамп муфассалтар суҳбат кунад, ки Иёлоти Муттаҳида барои кишвараш чӣ корҳо хоҳад кард.

Трамп гуфт, ки ин созиш бо Киев "хеле одилона" хоҳад буд ва оташбас дар ҷанги Русия зидди Украина "бисёр наздик аст". Вай гуфт, ки Украина бояд ба созиш расад.

Пеш аз дидор дар Кохи Сафед, Зеленский бо як ҳайати дуҷонибаи Сенат, ки Украина дар он аз пуштибонии қавӣ бархӯрдор аст, мулоқот кард. Вай дар ин дидор ба зарурати идомаи кумаки низомӣ таъкид намуд.

Президенти ИМА ҳамчунин созишномаи коркарди маъданҳои Украинаро тарҳи бузурге барои рушд номида, гуфта буд, ки ин тавофуқ ба Иёлоти Муттаҳида имкон медиҳад, то қисме аз кумакҳои се соли ахираш ба Украинаро ҷуброн кунад ва ҳамзамон рушди иқтисодии Украинаро таъмин намояд.



# «ОСКАР» НАСИБИ «АНОРА» ВА ФИЛМСОЗОНИ ЭРОНӢ

**97-умин маросими супурдани ҷоизаҳои "Оскар" шоми 2-юми март дар Лос-Анҷелеси Америко баргузор шуд. Филми "Анора" соҳиби 5 ҷоизаи "Оскар" ва "Бруталист" соҳиби 3 ҷоиза гардид.**

Дар ҷашнвораи имсолаи "Оскар" филми "Анора", сохтаи коргардони амрикоӣ Шон Бейкер, ҷоизаи филми беҳтаринро гирифт.

Филми "Анора" дар бораи зани ҷавоне аз Бруклин ва писари сарватманди рус аст. Онҳо мехоҳанд бо ҳамдигар издивоҷ кунанд, вале бо мухолифати хонаводаи ҷавон ва ҳамчунин хатарҳои дигар рӯ ба рӯ мешаванд.

Эдриен Броуди ва Майки Мэдисон, ки дар филми "Анора" нақшҳои асосиро бозидаанд, ҷоизаҳои беҳтарин бозигари мард ва беҳтарин нақши занро гирифтанд.

Шон Бейкер, ки ин филмро офаридааст, се ҷоизаи "Оскар", аз ҷумла барои коргардонӣ ва бандубастро ба даст овард.

Дар Оскари имсола филмсозони эронӣ Ҳусейн Мулоимӣ ва Ширин Суҳонӣ ҳам барои филмашон "Дар сояи сарв" Ҷоизаи "Оскар" барои беҳтарин филми кӯтоҳи аниматсиониро гирифтанд.

"Дар сояи сарв" аниматсияи бидуни муколама аст, ки пайомадҳои ҷанги Эрон ва Ирокро дар даҳаи 1980 бозгӯ мекунад.

# ҚОСИМАЛИЕВ ДАР ТОҶИКИСТОН

## Аз парвозҳои мустақим то $500 млн гардиши тиҷорат



**Қарор аст Тоҷикистону Қирғизистон парвозҳои мустақими ҳавопайморо миёни ду кишвар барқарор кунанд ва гардиши молро то соли 2030 ба 500 миллион доллари ИМА расонанд. Ин нукта зимни сафари Одилбек Қосималиев, раиси Девони вазирони Қирғизистон ба Тоҷикистон ва мулоқоти ӯ бо Қоҳир Расулзода, сарвазири Тоҷикистон рӯзи 4-уми март зикр гардидааст.**

Тибқи иттилои Девони вазирони Қирғизистон ҷонибҳо зарурати ин иқдомро ҳамчун омили муҳими густариши ҳамкориҳои дуҷониба таъкид кардаанд.

Дар мулоқот инчунин дурнамои рушди робитаҳои иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, ҷонибҳо ҳадафи расонидани ҳаҷми гардиши мол миёни кишварҳо ба 500 миллион доллар то соли 2030-ро баррасӣ кардаанд. Ҳамчунин, аҳамияти татбиқи ҳарчи зудтари лоиҳаи энергетикии CASA-1000 таъкид гардидааст.

Дар идомаи сафари кории худ Одилбек Қосималиев якҷо бо Қоҳир Расулзода аз сохтмони НБО "Роғун" боздид кардаанд.

Хабаргузории давлатии "Ховар" менависад, ки раиси Девони вазирони Қирғизистон ба омӯзиши таҷрибаи сохтмони НБО "Роғун", ки метавонад барои татбиқи лоиҳаи НБО Қамбарота-1 дар Қирғизистон муфид бошад, таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Дар музокироти Одилбек Қосималиев ва Қоҳир Расулзода ҳамчунин азми Девони вазирони Қирғизистонро барои идомаи кори фаъолонаи муштарак бо Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати амиқтар кардани муносибатҳои дуҷониба ва тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ таъкид кардааст.

Гуфта мешавад, ки яке аз масъалаҳои асосие, ки дар музокирот баррасӣ гардидааст, раванди омодагӣ ба нишасти сеҷонибаи раисҷумҳурони Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон унвон мешавад. Қарор аст ин нишаст рӯзи 31-уми март дар Хуҷанд баргузор гардад.

# АЛВИДОЪ, ЧОЙХОНАИ «РОҲАТ»!

**1-уми март дар Душанбе тахриби чойхонаи маъруфи "Роҳат" оғоз шуд, ки боиси вокунишҳои зиёди ҷомеа ва баҳсҳои доғ дар шабакаҳои иҷтимоӣ гардид, зеро ин чойхона рамзи фарҳангӣ ва ёдгории таърихии пойтахти Тоҷикистон маҳсуб мешавад.**





Хабари тахриби ин бино бори аввал 29-уми июл дар нишасти хабарии Кумитаи сохтмон ва меъмории Тоҷикистон тасдиқ шуд. Раиси кумита Низом Мирзозода изҳор дошт, ки чойхона фарсуда шудааст ва ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нест. Вале, ба гуфтаи ӯ, номи "Роҳат" ҳифз гардида, бинои нав бунёд хоҳад шуд. Мирзозода ҳамчунин қайд кард, ки «чойхона бо таомҳои болаззаташ, бахусус, лагмон машҳур буд, ҳоло ин тавр нест». Ҳамчунин Мирзозода гуфт, ки ба наздикӣ дар Душанбе чойхонаи нав сохта мешавад, вале нагуфт, ки ин чойхона кай ва дар куҷо бино хоҳад шуд.

Мавзӯи тахриби биноҳои таърихӣ дар хиёбони Рӯдакӣ аз соли 2016 ба ин сӯ матраҳ мешавад. Фаъолони шаҳрвандӣ борҳо бо дархости тахриб накардани биноҳои таърихии шаҳри Душанбе ба мақомот муроҷиат кардаанд.

Ахиран, моҳи март баъд аз оғози тахриби чойхона бахси ин мавзӯъ дигарбора авҷ гирифт. Сокинони Душанбе бори дигар ба ҳимояти аз "Роҳат" дар Душанбе муроҷиатнома тартиб доданд. Онҳо бо ҷамъоварии имзоҳо аз шаҳрдорӣ хостори ҳифзи ин ёдгории фарҳангӣ шуданд. Дар ҳоли ҳозир зиёда аз 500 нафар ба ин муроҷиатнома имзо гузоштаанд.

Дар изҳороти худ ҷонибдорони ҳифзи чойхона навиштаанд: "Чойхонаи "Роҳат" макони вохӯрии наслҳо ва як гӯшаи зиндаи таърих аст. Ин бино на танҳо барои сокинони Душанбе, балки барои ҳар як тоҷикистонӣ арзишманд аст. Мо набояд таърихро тахриб кунем, балки онро барои наслҳои оянда ҳифз намоем".

Чойхонаи "Роҳат" соли 1958, дар замони роҳбарии Турсун Улҷабоев, бар пояи тарҳи меъмори рус Константин Терлетский ва устои тоҷик Мирзораҳмат Олимов сохта шудааст. Дар тӯли солҳо, чойхона на танҳо як макони маъмулии ғизохӯрӣ, балки як қисми муҳими ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии пойтахт гардид.

Чанд сол пеш шабакаи телевизионии CNN чойхонаи "Роҳат"-ро яке аз зеботарин чойхонаҳои ҷаҳон эълон карда буд. Дар гузашта, бо таваҷҷуҳ ба чойгиршавӣ ва фазои беназираш, чеҳраҳои сиёсию фарҳангӣ ин маконро барои вохӯриҳо интихоб мекарданд.

**С. УБАЙДУЛЛО**

## РЕЗААХБОР

Дар Душанбе Ҷоизаи Раиси шаҳр барои муҳаққиқони ҷавон дар бахшҳои илмҳои дақиқ, адабиёт, рӯзноманигорӣ, санъат, меъморӣ, техникаю технология ва инноватсия таъсис ёфт. Ҳадафи он қадршиносӣ ва ҳавасмандсозии ҷавонони соҳибистеъдод мебошад. Ҳуҷҷатҳо барои иштирок то 31-уми марти соли 2025 дар Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиш қабул карда мешаванд.

***

Вазорати нақлиёти Тоҷикистон эълон кард, ки барои омода намудани мутахассисони метро ва роҳи оҳан дар Душанбе Маркази омӯзишӣ ва такмили ихтисос таъсис дода мешавад. Гуфта мешавад, ки вазири нақлиёт Азим Иброҳим ва директори Оҷонсии ҳамкории байналмилалии Корея (KOICA) Канг Синг Хон рӯзи 26-уми феврал таъсиси марказро баррасӣ кардаанд. Ёдовар мешавем, ки соли равон сохтмони аввалин метро дар Душанбе оғоз мешавад.

***

Дар Душанбе 19-уми март Форуми IV байналмилалии «Наврӯзи Душанбе - меҳвари робитаҳои фарҳангию сайёҳӣ» баргузор мешавад.

Ҳадафи форум тарғиби Наврӯз, рушди сайёҳӣ, муаррифии бренди миллии сайёҳӣ ва истифодаи мероси фарҳангӣ мебошад. Дар доираи он, инчунин фиттаҳои тарғиботӣ ва маълумотномаҳо оид ба имкониятҳои сайёҳии кишвар нашр ва паҳн карда мешаванд.

***

Аз 1 то 21-уми март дар Боғи Куруши Кабири Душанбе намоиш-фурӯши маҳсулоти чакану гулдӯзӣ баргузор мегардад. Ба иттилои Кумитаи занони Тоҷикистон, ҳунармандон аз тамоми манотиқи кишвар дар ин чорабинӣ ширкат намуда, либосҳои миллӣ, матоъҳои гуногун, сӯзанидӯзию гулдӯзӣ, атласу адрасбофӣ, зару зевар ва дигар маҳсулоти ҳунарии худро пешниҳод хоҳанд кард.

***

Дар Душанбе даври аввали интихобии олимпиадаи байналмилалии математикӣ "IMO-2025" оғоз гардид. Тибқи иттилои Вазорати маориф, 60 хонанда барои роҳхат ба даври ниҳоӣ рақобат мекунанд. Ғолибон Тоҷикистонро аз 14 то 22-юми июл дар Австралия намояндагӣ хоҳанд кард. Дар ҳайати даста 6 хонанда ва 2 роҳбалад иштирок хоҳанд дошт.



# БУЗУРГТАРИН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## Истгоҳи конвертории Сангтӯда омодаи фаъолият аст

**27-уми феврал гурӯҳе аз рӯзноманигорон аз раванди корҳои сохтмонӣ ва васлу насби Истгоҳи конвертории Сангтӯда, ки дар доираи Лоиҳаи CASA-1000 сохта шудааст, шинос шуданд. Айни замон истгоҳ омодаи фаъолият мебошад.**



Истгоҳи мазкур нахустин ва бузургтарин истгоҳи конверторӣ дар Осиёи Марказӣ маҳсуб шуда, барои интиқоли 1300 МВт неруи барқи истеҳсолнамудаи Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Покистон дар мавсими гармо пешбинӣ шудааст. Сохтмони он соли 2019 оғоз гардида, дар ҳудуди 25 гектар бунёд шудааст. Иншоот бо маблағгузории Бонки ҷаҳонӣ ва бо иштироки бузургтарин ширкатҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла “Hitachi Energy” сохта шудааст.

Тавре намояндагони лоиҳа хабар доданд, корҳои сохтмонӣ ва санҷишҳои техникӣ бомуваффақият анҷом ёфта, истгоҳ омодаи истифода мебошад. Таҷҳизоти асосии он аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз ҷумла Шветсия, Чин, Швейтсария, Австрия ва Ҳиндустон ворид шуда, таҷҳизоти иловагӣ низ мавҷуд аст, ки дар ҳолати мушкилот ба таври автоматикӣ фаъол мешавад.

Исмоил Бобохонзода, сармутахассиси Лоиҳаи CASA-1000 дар суҳбат бо намояндагони ВАО изҳор дошт, ки тамоми таҷҳизоти истгоҳ мавриди озмоиш қарор гирифта, шиддати зеристгоҳҳои Исфара ва Турсунзода низ бомуваффақият санҷида шудааст.

Истгоҳи конвертории Сангтӯда бо технологияи пешрафта муҷаҳҳаз буда, қисмати асосии он ба таври автоматикӣ фаъолият мекунад ва фосилавӣ идора мешавад.

Ба таъкиди Шералӣ Ширинбеков, сармутахассиси лоиҳа, сохтмони истгоҳ бидуни таъхир ва бо риояи меъёрҳои байналмилалӣ анҷом ёфтааст. Бо ба истифода додани ин иншоот, интиқоли неруи барқ дар доираи тарҳи CASA-1000 вориди марҳилаи нав гардида, имкониятҳои энергетикии минтақа тақвият хоҳанд ёфт.

Истгоҳи конвертории Сангтӯда - нахустин ва бузургтарин истгоҳи конверторӣ дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, ки бо ба истифода додани он Тоҷикистон қадами муҳимеро дар рушди энергетикаи минтақа мегузорад.

**С. Убайдуллозода**

---

# АФЗОИШИ СОДИРОТИ БАРҚ

**Моҳи январи соли ҷорӣ аз Тоҷикистон ба маблағи зиёда аз 6,5 млн доллар неруи барқ содир шудааст. Дар ин бора аз Агентии омори назди президенти Тоҷикистон хабар медиҳанд.**

Гуфта мешавад, ки ин нишондиҳанда 2,7 баробар зиёдтар нисбат ба моҳи январи соли гузашта (ҳудуди 2,4 млн доллар) аст.

Ҳиссаи интиқоли неруи барқ дар ҳаҷми умумии содироти ҷумҳурӣ дар моҳи январи соли ҷорӣ 5,7%-ро ташкил медиҳад.

Бино ба маълумоти Агентӣ, содироти барқ дар моҳи январи соли равон зиёдтарин дар мавсими тирамоҳу зимистони имсол аст. Дар моҳи октябр интиқоли барқ аз Тоҷикистон ба хориҷи кишвар ба маблағи 3,8 млн доллар, моҳи ноябр - 4,2 млн доллар ва декабр - 6,4 млн доллар сурат гирифта буд.

Тибқи маълумоти ҶСК “Барқи тоҷик”, дар мавсими тирамоҳу зимистон неруи барқ дар ҳаҷми начандон зиёд танҳо ба Афғонистон интиқол дода мешавад. Қарордоди интиқол ба Ӯзбекистон танҳо дар мавсими тобистон амал мекунад.

Қаблан ширкати электроэнергетикии Афғонистон Da Afghanistan Breshna Sherkat (DABS) хабар дода буд, ки барои харидории барқ дар соли 2025 бо ширкати “Барқи тоҷик” тавофуқ ҳосил кардааст. Мувофиқи маълумоти Вазорати энергетикаи ҶТ, соли 2024 ҳаҷми умумии содироти неруи барқ аз Тоҷикистон ба хориҷи кишвар ҳудуди 2,5 млрд киловатт-соатро ташкил додааст.




**ҲАФТАНОМАИ “ТОҶИКИСТОН” БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ БА НОМИ МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА ДАР СОЛИ 2025 ОЗМУНИ "ТОҶИКОНИ САРБАЛАНД"-РО ЭЪЛОН МЕКУНАД!**

**Ҳадафи озмун:** Расонаҳои ҷаҳонӣ солҳои охир бештар дар бораи амалҳои манфии тоҷикон, аз ҷумла ҷинояту терроризм хабар медиҳанд, ки ин ба обрӯ ва симои миллат таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин ҷост, ки мо набояд чеҳраҳои муваффақи тоҷиконро, ки имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолиятҳои назаррас доранд, фаромӯш кунем.

Озмуни **"Тоҷикони сарбаланд"** ҳадаф дорад, ки тоҷикони муваффақро дар соҳаҳои гуногун - илм, фарҳанг, варзиш, сиёсат, соҳибкорӣ ва дигар бахшҳо муаррифӣ намуда, барои ҷавонон намунаҳои ибрат нишон диҳад.

Озмуни **“Тоҷикони сарбаланд”** аз 1-уми январи соли 2025 оғоз шуда, то 25-уми декабри соли 2025 идома меёбад.

**Шарти иштирок:**

- Матолиби шумо бояд дар бораи тоҷиконе бошад, ки дар хориҷи кишвар муваффақ шудаанд.
- Маводҳо бояд ҳаёти шахсони номбурда, роҳҳои муваффақият ва саҳми онҳоро дар соҳаи фаъолияти худ ба таври фарогир инъикос намоянд.
- Ҳар як иштирокчӣ метавонад аз як то се мавод пешниҳод кунад.
- Маводҳо дар қолаби мақола, мусоҳиба, очерк ва лавҳа қабул карда мешаванд.
- Омодасозии як маҷмӯа аз маводҳои беҳтарин дар шакли китоб ва видео.

Ғолиби озмун бо мукофоти пулӣ ва **Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода** қадрдонӣ мешавад.

**МАТОЛИБИ ОЗМУН ДАР ШАКЛИ КИТОБ НАШР ХОҲАНД ШУД.**

# МЕДАЛИ ТИЛЛО АЗ КУВАЙТ

## Мусоҳиба бо олими соҳаи тиб Гулнора Ҳоҷиева

**Гулнора Ҳоҷиева дотсенти кафедраи бемориҳои дарунии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино аст. Ӯ имсол дар Намоишгоҳи байналмилалии ихтироъкорон дар давлати Кувайт иштирок намуда, сазовори медали тилло шуд. Дар арафаи Рӯзи модар бо муаллима Гулнора Ҳоҷиева суҳбат намудем, ки фишурдаи он манзури хонандагон мегардад.**



**- Қаблан медали тилло бароятон муборак бошад! Зимнан, мегуфтед, ки чӣ гуна тавонистед дар ин намоишгоҳ иштирок намоед?**

- Ин Намоишгоҳи байналмилалии ихтироъкорони Шарқи наздик (IIFME) ном дошт ва аз 16 то 19-уми феврали соли равон дар давлати Кувайт доир гардид. Дар он аз 44 давлат ихтироъкорон иштирок намуданд. Аз Тоҷикистон 2 нафар аз Донишгоҳи давлатии тиббӣ ва 3 нафар аз Донишгоҳи миллӣ иштирок карданд ва сазовори медал гаштанд.

Ман пеш аз Кувайт ихтирои худро дар шакли мақола ба Маркази миллии патенти Тоҷикистон мувофиқи талабот омодаву пешниҳод кардам. Ин ихтироъ «Маҷмуи гиёҳҳои шифобахш - Чордору» ном гирифтааст. Он аз байни растаниҳо: пӯчоқи анор, пӯстлохи булут, шалфи ё чойкаҳак ва зира интихоб шуда, хусусияти шифобахшӣ дорад. Дар хотир дорам, вақте мо бемории рӯдаву меъда ё дамиши шикам мешудем, модарам пӯчоқи анор, зира ва наботро ҷӯшонда медоданд.

Баъдан, дар шуъбаи гемотология чунин беморонро зиёд муроҷиат мекунанд. Ин бемориҳои лейкосҳои шадид ва музмин аст, ки ниҳоят вазнин мегузаранд. Вақте ки мо химиятерапея мегузаронем, оризаҳои зиёд доранд. Ба майнаи сар, ҷигар ва меъдаю рӯда таъсир мерасонанд. Диарея, исҳоли хунин ё обӣ мешаванд. Дар он вақт истифодаи доруҳои зиёд манъ мешавад ва табобат танҳо бо истифодаи як намуди дору мумкин аст. Бо табибон маслиҳат карда, истифодаи "Чордору"-ро ба роҳ мондем, ки ба беморон фоида кард. Ба беморон онро ба ҷойи чой дам карда, пешниҳод мекардем.

Сипас, онро ҳамчун ихтироъи худ дар Маркази патенти Тоҷикистон ба қайд гирифта, дар намоишгоҳи байналмилалии Кувайт муаррифӣ намудем. Дар натиҷа ин ихтироъ ба аъзои ҳакамон писанд омаду бо медали тилло қадрдонӣ карданд.

**- Идеяи офаридани ин маҷмӯи гиёҳҳо аз куҷо пайдо шуд?**

- Таҷрибаи истифодаи гиёҳҳо ба беморон ва зуд шифо ёфтани онҳо аст. Ҳамчунин, барои офаридани ин ихтироъ бароям чанд нафар, аз ҷумла мудири кафедра Комрон Уроқов, муаллими калони кафедра Тоҷиддин Шамсов, ассистенти кафедра Марҷона Шоҳназарова кумаку ҳамкорӣ карданд.

**- Оё таҳқиқоти илмӣ ва озмоишҳои тиббии он анҷом ёфтаанд?**

- Бале. Се сол шуд, ки мо ин доруро дар беморони лекосҳои шадид истифода мебарем.

**- Чӣ гуна ин доруро беморон истифода мекунанд?**

- Ин дору аз 6 ғилофак иборат аст. Онро чой дам карда, медиҳем. Дар намоишгоҳ ҳам чунин кардем. Ба назди комиссияи озмун ташхиси табобати беморон ва ҷойи дамкардашударо аз гиёҳҳои "Чордору" пешниҳод намудем.

**- Дастовард дар намоишгоҳ чӣ гуна пазируфта шуд?**

- Хеле зиёд таваҷҷуҳ карданд. Чунки аз гиёҳҳо иборат буд ва ягон моддаи химиявиро ба он омехта накардаем. Яъне, ба саломатӣ фоидабахш асту зиёновар не.

**- Оё ин дору дар амалия истифода мешавад ё ҳанӯз дар марҳилаи озмоиш қарор дорад?**

- Танҳо дар дохили муассиса истифода мешавад. Аммо ҳоло дар дорухона ва фурӯш нест. Дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон Маркази фарматсия фаъолият мекунад. Ба ин марказ муроҷиат кардем, ба наздикӣ истехсолаш ба роҳ монда хоҳад шуд.

**- Дар муқоиса бо дорухои муосир, бартарии «Чордору» дар чӣ аст?**

- Бисёр доруҳо моддаҳои химиявӣ доранд. Аммо «Чордору» аз маводҳои растанӣ омода шудааст. Зарараш ниҳоят кам аст. Баръакс, ба ҷигар, дил, рӯдаю меъда фоида дорад. Он хунравиро манъ ва ҳамчун антибиотик истифода карда мешавад. Махсусан, захмҳоро зуд шифо мебахшад. Умуман, ҷиҳатҳои мусбат зиёд дорад.

**- Оё ин дору метавонад бемориҳои мушаххасро пурра табобат кунад ё танҳо сабукӣ мебахшад?**

- Бале, холестерин, панкреатини музмин ё дарунравӣ бошад, ин дору муфид аст. Аммо, пеш аз истифодаи он муроҷиат ба табиб беҳтар аст. Он мувофиқи ҳолати бемор ва ташхиси тиббӣ тавсия дода мешавад. Худтабобат мумкин нест.

**- Шумо солҳо боз ба омӯзишу табобати бемориҳои дарунӣ машғулед. Имрӯз кадом бемориҳо бештар паҳн шудаанд?**

- Бемориҳои рӯдаю меъда ва талхаву ҷигар ниҳоят зиёд шудаанд. Фишорбаландӣ, диабети қанд, инсулт ҳам рӯ ба афзоиш аст. Аслан, пас аз коронавирус ҳамин намуди бемориҳо боз бештар шуданд.



**- Омилҳои асосии пайдоиши ин бемориҳо кадомҳоянд?**

- Муҳит ва ҳар гуна вирусҳо. Ҳамчунин, дар вақташ табобат накардану речаи вайрони истеъмоли хӯрок ва зиндагӣ аст. Баъдан, ҳоло мардум бештар ба худтабобат машғуланд. Ба духтур вақте ки камтар бемори вазнин ё оризаҳо пайдо шуданд, баъд муроҷиат мекунанд.

**- Тавсияи шумо чӣ аст?**

- Саривақт ба духтур муроҷиат кунанд, аз ташхиси тиббӣ гузаранд.

**- Оё гиёҳдармонӣ метавонад ба коҳиши бемориҳое, ки ном бурдед, мусоидат кунад?**

- Албатта, гиёҳҳо зарар надоранд. Тоҷикистон аз лиҳози растаниҳои табобатӣ бой аст. Мувофиқ ба бемориҳои гастрит, дамиши меъдаву рӯда, фишорбаландӣ ё гепатитҳо растаниҳои шифобахш мавҷуданд, мардум метавонанд истифода кунанд.

**- Чӣ гуна тарзи ҳаёт ва ғизо метавонад барои пешгирии бемориҳои дарунӣ кумак расонад?**

- Ғизои солим дар мадди аввал меистад. Пурхӯрӣ ба саломатӣ зиён мерасонад. Мардум хӯрокҳои биринҷкардашуда ва шӯрбиро бояд камтар истеъмол кунанд. Мардуми мо бегоҳ бештар хӯрок истеъмол мекунанд, ки ин нодуруст аст. Баръакс, бегоҳ хӯроки сабук ва кам истеъмол кунанд. Набояд дер хӯрок хӯранд. Бисёриҳо бо бемориҳои панкреатин ва холестерини музмин муроҷиат мекунанд. Онҳо соати 9-10 ва ҳатто 11-и шаб хӯрок хӯрда, даромада хоб мераванд. Сипас, ҳар гуна оризаҳо пайдо мешаванд. Пас аз хӯрок ақалан ним соат бояд қадам зананд, то он ҳал шавад.

**- Шумо ҳамчун мутахассиси соҳа ба ҷавонони ояндасози тиб чӣ маслиҳат медиҳед?**

- Бештар хонанд. Дар ҳамоишҳои сатҳи гуногун иштирок намоянд, донишу таҷриба гиранд. Имрӯз технологияи босуръат пеш рафта истодааст. Танҳо мутахассиси донишманд метавонад онро мақсаднок истифода кунад.

**- Шумо фарзанди шоири маъруф Бобо Ҳоҷӣ ҳастед. Нақши падар дар ташаккули шахсияти шумо чӣ гуна аст?**

- Бале, ман фарзанди Бобо Ҳоҷӣ ҳастам. Падарам бо тамоми ҳастии худ ба тарбия ва рушди фикрии ману дигар фарзадон кумак кардаанд. Падарам як инсони бо фарҳанги баланд, хоксор ва ростқавл буданд.

Ташаккули шахсияти мо фарзандон низ дар муҳити китобхонӣ ва муҳаббати беандоза ба забон ва адабиёт сурат гирифт. Маҳз роҳнамоии падарам буд, ки Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистонро хатм ва тамоми зинаҳои таҳсилот: интернатура, ординатураи клиникӣ, аспирантураи рӯзонаро гузаштам. Дар 32-солагӣ таҳти роҳбарии профессор Муҳаммад Бобохуҷаев дар Институти кардиологияи Бишкек рисолаи илмиро ҳимоя кардам. Он замон ҷавонтарин олим дар донишгоҳ ҳисоб мешудам.

**- Чӣ хотироти ҷолибе аз падар доред?**

- Як лаҳза аз ҳаёти падарам: Ба хона омаданду гуфтанд, ки имсол дам мегирам ва шумо ба ҷойи ман раведу берун аз Тоҷикистон истироҳат кунед. Ба падарам гуфтам, ки ҳавлиро касе нест нигоҳ кунад. Падарам розӣ шуданд, ки то омадани мо - аҳли оила хонаро нигоҳ мекунанд. Вақте аз истироҳат баргаштам, падарам калиди хонаро ба дастам дода, гуфтанд: "Ман як кор кардам. Аз яхдонат як миқдор гӯшти мурғро гирифтаму ҳар рӯз таксим карда, ба сагат додам. Лекин ба ҷояш боз гӯшти мурғ харида оварда мондам".

Ана, ҳамин тавр ростқавл буданд.

Падарам рӯзҳои вазнини гуруснагиро дидаанд. Мегуфтанд, ки дар солҳои ҷанг кунҷола хӯрдаанд. Ҳамеша дар фикри шиками мо ва хеле камгап буданд. Сечор сол пеш аз маргашон ба мо - фарзандон нақл карда буданд, ки ба пойтахт пойи луч омадаанд. Дар интернати Панҷакент калон шудаанд. Баъд, бо муаллимашон бо поезд ба Душанбе меоянд. Дар Душанбе пойафзоли муаллимашонро медузданд ва бе пойафзол мемонад. Падарам пойафзоли худро ба муаллимашон медиҳанд.

**- Насиҳате аз падар шунидаед, ки ҳоло ҳам он муҳим аст?**

- Падарам мегуфтанд, ки бояд фақат худат хонӣ. Ман ба ту ёрдам намекунам. Худат ҳаракат кун ва ба пеш рав. Нони ҳалол хӯр. Ва як китобашон низ "Нони ҳалол" ном дорад. Махсусан, ҳамеша ёд медоданд, ки бо ростӣ ва муҳаббат ба инсонҳои дигар зиндагӣ кунам.

**Мусоҳиб:**
**Усмон РАҲИМЗОДА**

**23-юми феврал яке аз бунёдгузорони илми физикаи ядроӣ дар Тоҷикистон, асосгузори самти физикаи нурҳои кайҳонӣ дар кишвар Ином Бобоҷонов 90-сола шуд. Муҳаррири ҳафтономаи "Тоҷикистон" Одил Нозир ба табрики ин олими тавоно рафт ва суҳбате орост, ки фишурдаи он манзури шумо мешавад.**

# АЗ САРНАВИШТИ ИНСОН

## Мусоҳиба бо яке аз бунёдгузорони физикаи ядроӣ ва

### ДАВЛАТИ ПИРӢ

**- Ином Бобоҷонович, мавлуди фархундаи 90-солагиро ба шумо табрик мегӯям.**

- Ташаккур.

**- Имрӯзҳо чӣ ҳолу ҳаво доред?**

- Шукр, ҳолам хуб аст. Бозиншастаам ва ба қавле давлати пирӣ меронам.

**- Магар дар Институти физика кор намекунед?**

- Не, соли 2018 маро ҷавоб доданд.

**- Сабаб?**

- Гуфтанд, ки пир шудаӣ. Ман ҳам дигар даъво накардам...

### 7 СОЛИ СУЛТОН УМАРОВ

**- Шумо яке аз нафароне ҳастед, ки дар саргаҳи илми физикаи тоҷик қарор доред. Аз аввалин кормандони шуъба ва баъдан Институти физика ва техникаи Академияи улуми Тоҷикистон ҳастед. Мехоҳам суҳбатамонро аз шаклгирии илми физика дар Тоҷикистон оғоз кунем.**

- Бале, банда соли 1958 факултаи физика ва математикаи Университети давлатии Тоҷикистонро хатм кардам. Мавзӯи рисолаи дипломиам доир ба физикаи оптикӣ буд. Чун дар Тоҷикистон ҳунӯз шароит набуд, соли 1957 барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ба Донишгоҳи Ленинград рафтам ва таҳқиқотамро ба сомон расонида, рисолаи дипломӣ навиштам. Баъди хатм маро дар донишгоҳ ба кор гирифтанд. Ҳамон замон мудири кафедраи физикаи таҷрибавӣ профессор Баҳрулло Нарзуллоев буданд. Гап-гап буд, ки дар донишгоҳ кафедраи физикаи ядроӣ ташкил мешавад. Бинобар ин, маро барои таҷрибаомӯзӣ ба кафедраи физикаи ядроии шаҳри Алма-Ато фиристоданд. Вақте баргаштам, маро соли 1959 ба шуъбаи физика ва математикаи назди Президиуми Академияи фанҳои Тоҷикистон, ки бо ташаббуси Султон Умаров ташкил шуда буд, ба кор даъват карданд.

**- Тавре медонем, академик Султон Умаров яке аз нафароне ҳастанд, ки барои илми тоҷик хизматҳои мондагор кардаанд. Аз эшон чӣ хотира доред?**

- Академияи илмҳои Тоҷикистон соли 1951 дар заминаи филиали Академияи фанҳои ИҶШС таъсис ёфт. Нахустин президенти он устод Садриддин Айнӣ буданд. Эшон дар ин вазифа то дами марг, яъне қариб 4 сол кор карданд ва барои шаклгирии сохтори академия корҳои муҳимро анҷом доданд. Устод Айнӣ бештар барои равнақи илмҳои гуманитарӣ кор карданд, зеро мо дар ин самт замина ва зарфият доштем. Вале дар соҳаи илмҳои дақиқ кадр набуд, ё ангуштшумор буд. Пас аз марги устод Айнӣ, Турсун Ӯлҷабоев, ки роҳбари ҷумҳурӣ буданд, мегӯянд, ки бояд намояндаи илмҳои дақиқ Президенти академияи илмҳо шавад, то ин самт низ рушд намояд. Ҳамин тавр, Султон Умаровичро, ки тоҷики хуҷандӣ буданд, аз Тошканд даъват мекунанд. Эшон дар Ӯзбекистон шахсияти таъсиргузор буданд. Дар вазифаҳои ректори Донишкадаи омӯзгории Тошканд, ректори САГУ - Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна, директори Институти физика ва техникаи Академияи улуми Ӯзбекистон кор кардаанд. Соли 1957 эшон Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон шуданду корро аз ташкили шуъбаи физика ва математика оғоз карданд. Ба шуъбаи физика худашон роҳбарӣ мекарданд. Леонид Михайловро ба шуъбаи математика мудир монданд. Хатмкунандаҳои соли 1957-и университетро, ки аксар баҷаҳои болаёқат буданд, ба кор гирифтанд. Дар муддати кӯтоҳ 5 лаборатория ташкил карданд ва ба ҳамааш кадрҳои маҳаллиро роҳбар таъйин карданд. Лабораторияи физикаи нимноқилҳо - мудир Шариф Мавлонов, ки дар Боку рисолаи номзадӣ ҳимоя кард, Лабораторияи физикаи ҷисмҳои сахт - мудир Ш. С. Мазитов, ки номзади илм буд, лабораторияи электроника - мудир Нодир Ҳошимов, ки дар Тошканд аспирантураро хатм карда, рисолаи илмӣ дифоъ кард, лабораторияи физикаи ядроии амалӣ - мудир Д. Абдуллоев, ки ӯ ҳам дар Тошканд рисолаи номзадӣ дифо намуд. Банда соли 1957 вақте ба кор омадам, аввал гурӯҳи шуъои кайҳонӣ ташкил кардам ва аз соли 1964 мудири лабораторияи физикаи ҳаста таъйин шудам. Яъне Султон Умаров зарфияти кадрҳои маҳаллиро ба назар гирифта, барои онҳо шароит муҳайё мекарданд.

Бо супориши он кас кормандони шуъбаи физика ва математика ба Донишгоҳи миллӣ, Донишкадаи омӯзгорӣ, Донишгоҳи Самарқанд ва ғайра мерафтанд. Вазифаи онҳо ҷалби ҷавонони лаёқатманди тоҷик буд, ки хоҳиши машғул шудан ба илмро доранд. Умаров онҳоро ҷамъ оварда, ба тамоми Иттифоқи Советӣ ба аспирантура мефиристоданд. Султон Умарович соли 1936 рисолаи номзадиашонро дар Институти физика ва техникаи



Ленинград дифоъ карда буданд, ки он замон бузургтарин марказ илмӣ буд. Олимони машҳур, ҳатто барандагони Ҷоизаи Нобел, академикҳо, докторҳои илм ёру ҷӯраҳои Умаров буданд. Вақте аспирантҳои тоҷик бо мактуби Умаров ба марказҳои илмии Иттифоқи Советӣ мерафтанд, ҳамон замон пазируфта мешуданд ва барояшон шароит муҳайё мешуд. Яъне эшон фигураи таъсиргузор дар ҷомеаи илмии Шӯравӣ буданд. Коре, ки эшон дар 7 соли роҳбариашон барои Академияи илмҳои Тоҷикистон анҷом доданд, дигарон дар 70 сол ҳам карда наметавонанд. Ёдашон ба хайр.

### АВВАЛИН ЭЪТИРОФИ ҶАҲОНӢ

**- Шумо ҳам рисолаи номзадиатонро дар Институти физикаи ядроии Дубна ҳимоя кардед, ки он замон ва имрӯз ҳам яке аз марказҳои муҳимтарини пажӯҳиши физикаи ядроӣ ба ҳисоб меравад.**

- Солҳои 50-и асри гузашта давлатҳои аврупоӣ муттаҳид шуда, дар марзи Швейцария ва Фаронса - CERN - (Conseil Européen pour la Recherche Nucléaire) - Маркази аврупоии таҳқиқоти ядроӣ таъсис доданд ва ба пажӯҳишгаронро аз тамоми давлатҳои капиталистӣ муттаҳид карданд. Иттифоқи Советӣ ҳам дар Дубна Институти физикаи ядроӣ таъсис дод, ки давлатҳои сотсиалистиро муттаҳид карда буд. Дар ҷаҳон ду институт мукобили ҳамдигар буданд. Вақте ман ба аспирантураи Академияи илмҳо дохил шудам, таҳқиқотеро, ки тахти роҳбарии профессор В. Чердинтсев ҳанӯз дар Алма-Ато оғоз карда буд, идома додам. Соли 1960 мо экспедитсияи физикиро ба Помир - маҳаллаи Чечектии ноҳияи Мурғоби ВМКБ-ро дар баландии 3860 метр аз сатҳи баҳр ташкил кардем. Экспедитсия якҷоя бо физикони Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар соҳаи омилҳои ҳамтаъсири мюонҳои манфии нурҳои кайҳонӣ бо моддаро таҳқиқ мекард. Мо асимметрияи парвози нейтронҳоро ҳангоми забти мю-мезонҳои нурҳои кайҳонӣ аз ҷониби ядроҳои сурб, висмут ва мис таҳқиқ намудем.

Аввалин кори илмии ман ҳам баҳододи асимметрияи парвози нейтронҳо дар раванди забти мю-мезонҳои манфии нурҳои кайҳонӣ аз ҷониби ядроҳо буд, ки соли 1962 дар маҷаллаи «Известия АН Таджикской ССР» нашр шуд.

Банда теъдоди нейтронҳои ҳосилшавандаро ҳангоми забти мю-мезонҳои нурҳои кайҳонӣ аз ҷониби ядроҳои алюминий, магний, оҳан, мис, рух, сурма ва сурб таҷрибавӣ таҳқиқ намудам. То ин замон дар ҷаҳон ҳамагӣ 5 эксперимент мавҷуд буд. Дар Иттифоқи Советӣ умуман чунин таҳқиқот набуд. Банда бори аввал вобастагии миёнаи шумораи нейтронҳои ҳосилшавандаро аз вазни атомии ядрои забткунанда, ядрое, ки мюонро фурӯ мебарад, муайян кардам. Нишон дода шуд, ки миёнаи шумораи нейтронҳои ҳосилшаванда ҳангоми забти мюонҳо аз радиуси ядрои забткунанда хаттӣ вобаста аст. Дар асоси таҳлили маълумоти таҷрибавӣ, бори аввал ҳароратҳои ядроҳо ҳангоми гузаштани реаксияҳои забти мю-мезонҳо ва энергияҳои ангезиши онҳо муайян карда шуданд.

Соли 1966 ман натиҷаи таҳқиқотамро дар Дубна пешкаши аҳли илм кардам. Дар он ҷо хуб пазироӣ шуд. Соли 1969 дар Будапешт дар ҳамоиши ҷаҳонӣ ин таҳқиқоти мо муаррифӣ шуд ва маърӯзаи мо беҳтарин арзёбӣ шуда, ба нашр расид. Ин якумин таҳқиқоти соҳаи физика аз Тоҷикистон буд, ки дар ҷаҳон муаррифӣ шуд...

### ЭКСПЕРИМЕНТИ "ПОМИР"

**- Шумо яке аз асосгузорони Эксперименти «Помир» мебошед, ки барои омӯхтани ҳамтаъсири заррaҳои баландэнергияи нурҳои кайҳонӣ ва ядроҳои атмосфера тавассути камераҳои бузурги рентгению эмулсионӣ нигаронида шудааст ва он яке аз экспериментҳои нодири ҷаҳонӣ мебошад. Ин эксперимент чӣ гуна пайдо шуд?**

- Соли 1970 банда ба Москва ба ҳамоиши илмӣ рафтам будам. Баъди баромад профессор Сергей Анатолевич Славатинский аз Институти физикаи Москва маро ба суҳбат ҷеғ зада, пешниҳод кард, ки мехоҳанд таҳқиқоти наврo дар соҳаи энергияи фавқулбаланд гузаронанд ва барои он Помир мусоид аст. Онҳо ба банда пешниҳод карданд, ки ҳамкорӣ кунем. Ман гуфтам, ки агар роҳбарони Академияи илмҳои Тоҷикистон розӣ шаванд, ман розӣ. Он вақт академик Муҳаммад Осимӣ Президенти академия буданд. Онҳо нома фиристода, розигии эшонро гирифтанд.

Соли 1971 банда экспедитсияи ҷустуҷӯиро барои интихоби майдончаи насби камераи санҷишӣ ташкил карда, бо ҳамроҳонам 3 ҳазор км ҳудуди Бадахшонро пиёда тай карда, маҳали кӯҳии Оқ-Архарро дар шарқи Помир, дар баландии 4400-4900 метр интихоб намудем.

Қарор шуд, ки аз ҳамкоронамон аз Москва таҷҳизоти пойгоҳро то Ош ба мо мефиристанд. Вазифаи мо то Мурғоб расонида, бунёд кардани пойгоҳи таҳқиқотӣ буд. Таҷҳизот иборат аз варақҳои қурғошин аст, ки ҳар яке 1 см ғафсӣ, бараш 50 см, дарозиш 1 м ва 96 кг вазн доранд. Дар умум 60 тонна бор буд. Боз назди Муҳаммад Сайфиддинович даромадам, ки барои ба Мурғоб расонидани ин бор ёрӣ кунанд. Эшон маро ба назди ноибашон Акбар Махсумов фиристоданд. Он кас бо вазири вақти нақлиёт Исмоилов дӯстӣ доштанд. Бо як занг задан корро пазонданд. Ҳамон солҳо дар Ош базаи автомобилҳои Тоҷикистон мавҷуд буд, ки 1200 мошини боркаш дошт. Вазифаи ин мошинҳо таъмини Бадахшон буд, зеро он солҳо дар зимистон имкони аз Душанбе ба он ҷо рафтан набуд. Ин мошинҳо 800 км - 400 то Мурғоб ва 400 то Хоруғ роҳро тай карда, маводҳои ниёзи мардумро ба Бадахшон мерасониданд. Чунин як база дар Душанбе ҳам буд, ки 800 мошин дошт, ки ба аҳолии Бадахшон хизмат мекард. Хулоса, таҷҳизоти мо аз Ош ба Мурғоб расид. Ва дар байни 1 моҳ пойгоҳро мо бо

# ТО САРНАВИШТИ “ПОМИР”

## зарраҳои бунёдӣ дар Тоҷикистон Ином Бобоҷонов

масоҳати 20 метри квадратӣ сохтем ва аз натиҷа ба Маскав хабар додем.

**- Эксперименти “Помир” чанд сол идома кард?**

- Аз соли 1973 то пошхӯрии Шӯравӣ. Эксперименти “Помир” оҳиста-оҳиста умумииттифоқӣ шуд ва ҳамасола то 100 нафар муҳаққиқон дар он ҷо кор мекарданд. Пойгоҳи мо аз 20 метри мураббаъ ба 1000 метри мураббаъ расид ва 60 тонна қурғошими мо ба 2 ҳазор тонна баробар шуд. Ҳамасола ду моҳ мо дар Мурғоб будем. Аз академия нома мебурдам ва ҳукумати Мурғоб ба мо гӯсфанд ҷудо мекард. Як нафар чӯпон ҳам мегирифтем, ки ҳамарӯза як молро кушта ба кормандон хӯрок омода кунад. Яъне ҳама шароит муҳайё буд.

**- Эксперименти “Помир” ба чӣ дастовардҳои илмӣ ноил шуд?**

- Дастовардҳо зиёд буданд. Дар Эксперименти «Помир» пурнерутарин ҳодисаи ҳамтаъсири зарраҳои кайҳонии баландэнергия бо ядроҳои атмосфера сабт гардид. Ин воқеа дар байни ҷомеаи илмии байналмилалӣ ҳамчун супероилаи «Тоҷикистон» шинохта шудааст. Баъди пошхӯрии Шӯравӣ банда натиҷаи ин таҳқиқотро гирифта ба Ҷопон бурдам. Ҳангоми коркарди додаҳои таҷрибавӣ, якҷоя бо физикони Ҷопон аз Пажӯҳишгоҳи таҳқиқоти кайҳонии Токио муайян гардид, ки дар ин ҳамтаъсир зарраи нурҳои кайҳонӣ бо энергияи камаш 1018 эВ иштирок дошт. Ин баландтарин энергияе буд, ки дар қарни XX дар ҷаҳони илм бо истифода аз камераҳои бузурги рентгено-эмулсионӣ сабт шудааст.

### ТАЛОШ БАРОИ “ПОМИР”

**- Гуфтед, ки Эксперименти “Помир” то фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ идома кард. Баъдан сарнавишти он чӣ шуд?**

- Дар солҳои 90-ум молтақсимкунӣ сар шуд. Чун таҷҳизоти пойгоҳро аз Москва оварда буданд, онҳо даъвои соҳибӣ карданд. Академик Собит Неъматуллоев Президенти Академияи илмҳо буданд. Эшон барои ҳамин кор маро ба Раёсати академия ба кор даъват карда, як гурӯҳ сохтанд. Вазифаи мо мактубнависиву посухнависӣ буд. 5-6 сол талош кардему охир ҳамкасбони москвагӣ розӣ шуданд, ки он ба Тоҷикистон монад, вале хоҳиш карданд, ки дар оянда ҳамкорӣ кунем.

**- То ҷое огоҳӣ дорам, аз дохили кишвар ҳам ба ин пойгоҳ дастдарозӣ шудааст?**

- Бале. Ҳамон замон бархе аз мақомдорон пойгоҳ ва таҷҳизоти онро фурӯхтанӣ шуданд. Вале аз тамоми ҷаҳон, аз ҷумла аз Барандаи ҷоизаи Нобел Абдус Салом ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон нома омад, ки пойгоҳ ҳифз шавад, зеро ин намунаи фарҳанги халқи тоҷик ва дастоварди илми тоҷик дар асри XX аст.

**- Яъне пойгоҳ боқӣ монд?**

- Бале, каме duздӣ шуд. Наздик ба 500 тонна қурғошимро аз фурсат истифода карда фурӯхтанд. Нисфашро кормандони гумрук дар Мурғоб боздоштанд. Як қисмашро дар солҳои бесарусомонӣ физикҳои Маскав обу лой карда буданд.

**- Аз дуздии он чӣ манфиат мебинанд?**

- 2 ҳазор тонна қурғошим пули хеле калон аст. Баъдан, дар он ҷо миқдори зиёди углерод мавҷуд аст, ки он ҳам пул мешавад, зеро ангишти беҳтарин аст.

**- Дар замони Истиқлол Экперименти “Помир” чӣ шуд?**

- Мо дар ҳамон солҳои кашмакашӣ дар Раёсати Академия Маркази ҷаҳонии омӯзиши кайҳонӣ таъсис додем. Марказ 16 басти корӣ дошт. Вале бозиҳо шуду марказро ба тобеияти Институт гузарониданд ва он чанд маротиба ном иваз кард. Соли 2005 Мамадшо Илолов президенти Академияи илмҳо таъйин шуданд. Эшон рафта пойгоҳро диданд ва кор ҷон гирифт. Се маротиба ҳамоиш гузаронид. Москвагиҳо як маротиба омада таҳқиқот гузарониданд. Соли 2013 бошад, Фарҳод Раҳимӣ Президенти Академия таъйин шуданд. Эшон ба реактори ядроии “Аргус” бартарият доданд, ки дору тайёр карда, касалиҳоро табобат мекунем. Вале на ин шуду на он. Ҳоло, то ҷое огоҳам, вазъияти “Аргус” беҳтар аз “Помир” нест.

**- Маркази байналмилалии таҳқиқоти ҳастаӣ ҳоло фаъол аст?**

- Бале. Баъди рафтани ман Ризои Бахромзод мудири он таъйин шуд. Ризо аспирантураро дар Донишгоҳи ба номи Ломоносови Москва хатм карда, яке аз кадрҳои асосӣ дар соҳаи физикаи нурҳои кайҳонӣ аст. Ӯ бояд таҷрибаҳои моро идома медод. Вале ӯро аз вазифа барканор карданд. Ризо ҳоло дар соҳаи дигар кор мекунад...

**- Чун дар замони Истиқлол кори асосии шумо - Эксперименти “Помир” қатъ шуд, ба чӣ кор машғул шудед?**

- Бекор набудем. Кормандони Институт лоиҳа навишта, грантҳо гирифтанд. Дар асоси он корҳои амалиро сар кардем. Бо роҳбарии кормандони институт Акрам Ҷӯраев ва Ҷамшед Абдушукуров чанд лоиҳа татбиқ шуд. Аз ҷумла дар омӯзиши сатҳи радиактивнокии дарёҳои Тоҷикистон. Дар ин лоиҳаҳо банда ҳам ҳамкор будам. Чанд китоб навиштам. Мақолаҳо нашр кардам. Бояд бигӯям, ки ман ҳамаи китобҳоямро бо пули худам нашр кардаам.



*Ином Бобоҷонов бо барандаи Ҷоизаи Нобел Сергей Капитса дар Душанбе*

### ДУОИ МОДАР

**- Ином Бобоҷонович, имрӯзҳо бо вуҷуди он ки барномаҳои зиёд татбиқ мешаванд, вале таваҷҷуҳи ҷавонон ҳанӯз ҳам ба илмҳои дақиқ кам аст.**

- Ин табиист, чун илмҳои дақиқ душвор ҳастанду заҳмати зиёд талаб мекунанд.

**- Худи шумо чӣ тавр ба соҳаи физика рӯй овардед?**

- Мо аз ду модар 7 бародар будем. Ду бародарам, ки аз ҳамсари аввали падарам буданд, яке корманди молиёт, дигаре корманди Вазорати корҳои дохила буд. Аз модари худам, бародарам Маҳмудҷон дар Тошканд дар риштаи риёзӣ таҳсил кард. Бародари дигарам Аҳмадҷон бахши физикаи Институти Тошкандро хатм карда омад, вале соли 1943 дар ҷанг кушта шуд. Бародари дигарам Мирзо Бобоҷонов пулемётчии маъруф, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватаниро аксарият медонанд. Ғаниҷони бародарам филолог буд. Ман аз кӯдакӣ азм кардам, ки дар факултаи физика таҳсил карда, кори Аҳмадакомро идома медиҳам. Бинобар ин, баъди хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳоямро гирифта ба Университети давлатӣ омадам. Моҳи июл буд. Баробари вориди бино шуданам дар даҳлез як муаллим маро дида пурсид, оё намехоҳед, ки ба факултаи физика дохил шавед? Гуфтам ба ҳамин ният омадаам. Ӯ хурсанд шуда, маро ба мизи қабул бурд ва вақте дид, ки бо медал мактабро хатм кардаам, хурсанд шуда гуфт, ки шумо бе имтиҳон донишҷӯ мешавед. Ин нафар Хоҷаеви бухороӣ буд ва дар Ленинград рисолаи номзадӣ дифо карда буд. Чун устод Айнӣ мешунаванд, ки як бухороӣ дар риёзиёт рисолаи илмӣ дифоъ кардааст, аз паяш мешаванд ва ӯро ба Душанбе меоранд. Ҳамин тавр, соли 1953 мо 32 нафар ба нахустин гурӯҳи тоҷикии факултаи физика дохил шудем. Он солҳо талабот ба дарс бисёр вазнин буд. Ҳамин аст, ки баъди соли якум ҳамагӣ 16 нафар боқӣ мондем. Банда дар симместри якум аз як имтиҳон баҳои 3 гирифта, аз стипендия маҳрум шудам. Вақти омаданам модарам бештар аз 100 сум пул дода буданд. Ба ҳеҷ кас гап назада, бо ҳамон пул то симместри дигар зиндагӣ кардам. Он солҳо дар ошхонаҳо агар борш мехӯрдед, нон бепул буд. Як хоҳарам бо шавҳараш ин ҷо зиндагӣ мекард. Рӯзҳои истироҳат ба хонаи ӯ мерафтам. Ҳамин тавр, азоб кашида бошам ҳам, хондам, зеро ин васияти модарам буд...

**- Дар вақти таҳсил модарро аз даст додед?**

- Бале. Ман дар 7-солагӣ аз падар маҳрум шудам. Модарам бузургворӣ карда, ҳамаи моро хононданд. Чун ман фарзанди кенҷа будам, як рӯз бародаронро ҷамъ карда гуфтанд, ки ҳамаатро хонондам, акнун пир шудам, Ином ба шумо амонат, дастгирӣ кунед, хонаду пагоҳ як бурида нонашро ёфта хӯрад. Вақте дар курси сеюм таҳсил мекардам, он кас ҳам фавтиданд. Ягон муваффақиятамро надиданд. Баъди хатми курси донишгоҳ ман оиладор шудам. Ҳамсарам дар факултаи биология мехонд. Баъди хатм ӯро дар донишгоҳ ба кор гирифтанд, маро ҳам. Мо дар саҳни факултаи иқтисод аввалин тӯйи комсомолиро баргузор кардем.

**- Аҷиб аст, дар саҳни донишгоҳ?**

- Бале. Дар паҳлуи факултаи физика чанд хонаи хурд буд. Якеро барои мо доданд. Хонаҳои валангор буданд. Девори хонаи мо бо гаражи ректори донишгоҳ Солеҳ Раҷабов як буд. Девор чунон тарқиш дошт, ки аз он рӯшноӣ медаромад. Як рӯз вақте ректор мошинашонро ба гараж монданд, эшонро ба хона даъват кардам. Чун шароити хона ва тарқишро диданд, гуфтам, ки мо дар рӯшноии гаражи шумо зиндагӣ мекунем. Он кас бо табассум гуфтанд, ки мақсадатонро фаҳмидам, ҳозир хона сохата истодаем, аввал ба шумо медиҳам. Ҳамин тавр ҳам шуд. Соли 1960 ба хонаи нав кӯчидем. Духтарам Хуршеда дар ҳамон ҳавлии вайрона таваллуд шудааст. Ҳоло доктори илм ва мудири маркази биотехнологияи Донишгоҳи миллӣ аст. Ҳар гоҳ ба ӯ шӯхӣ мекунам, ки ту дар донишгоҳ таваллуд шудаӣ...

**- Дар бораи як духтаратон гуфтед. Фарзандони дигаратон машғули чӣ коранд?**

- 5 фарзанд дорам. Яктоашро гуфтам. Ду духтари дигарам духутур ҳастанд. Як духтарам бо шавҳараш дар Лондон кору зиндагӣ мекунад. Писарам ҳам корманди созмонҳои байналмилалӣ аст.

### БОЗ 90-СОЛАГӢ

**- 90 умри кам нест.**

- Бале, шукр, ки ба ин син расидам.

**- Худро чӣ гуна эҳсос мекунед?**

- Хеле хуб. Худамро мисли ҷавонҳо эҳсос мекунам.

**- Ин чӣ асрор дорад?**

- Ҳеҷ. Сабаб шояд дар он аст, ки ман оилаи нағз доштам. Фарзандони беҳтарин дорам. Байнашон нофаҳмӣ нест. Ҳамаашон ба ман бисёр меҳрубонанд. Намегузоранд, ки аз чизе танқисӣ кашам. Равуои хешу табор ҳам ҳаст. Ёру ҷӯраҳо дорам, ки бо онҳо вақт мегузаронам. Набераҳо ҳастанд, ки аз ҳолам хабар гирифта меистанд. Аз дастовардҳои онҳо хурсанд мешавам, ҳоло яке дар Полша, яке дар Олмон, яке дар Амрико, яке дар Бишкек...

# АВВАЛИН АКТРИСАИ ПАНҶАКЕНТ



*Соли 1965. Як гурӯҳ занони фаъоли Панҷакент. Дар қатори якум аз чап ба рост: Башорати Юсуф, Бибираҷаб Исоева, Она Отабоева, Анна Шарофова, Қаноат Нақибова. Дар қатори дуюм: Ҳанно Элизарова, Г. Борисова, Қиёмиддинова, Бибӣ Худойбердиева, Истода Аҳмадова. Дар қатори сеюм: Музамбила Бобоева ва дигарон.*

**Чандест, ки бо мақсади омӯхтани таърихи зодгоҳам, матолиберо мутолиа мекунам. Дар ин миён, зарурат пеш омад, ки рӯзномаи “Зарафшон” - нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакентро, ки аз соли 1932 аввал бо номи “Барои панҷсолаи дуввум” ва баъдан бо унвони “Коммунисти Панҷакент” нашр мешуд, варақ занам. Дар бастаҳои солҳои 1930 ва 40-и ин нашрия қариб ҳар шумора бо номи Бибираҷаб Исоева рӯ ба рӯ меомадам, ки гоҳо ҳамчун комсомоли пешқадам, гоҳо чун аввалин актрисаи театр ва гоҳе ҳамчун депутат муаррифӣ мешуд. Дар асоси ин матолиби пароканда рӯзгори ин занро қисман барқарор намудам.**



*Шоираи мо Б. Исоева, Коммунисти Панҷакент, №20 (102), соли 1935*





*Б. Исоева, номзад ба депутати Шӯрои олӣ, Коммунисти Панҷакент, 21.02. 1941*

Бибираҷаб Исоева яке аз аввалин бонувони фаъоли шаҳри Панҷакент будааст, ки дар баробари Паттӣ Азизова, Она Отабоева, Анна Шарофова, Очабӯрӣ Муъминова, Ойгул Муҳаммадҷонова, Умарой Тошева ва дигарон барои бедории фикрии бонувон дар шаҳри Панҷакент талош намудааст.

Тибқи маълумоти китобҳои Н. Дӯсталиев “Ростони диёри бостон” (Д., 2017) ва Г. Худойбердиева “Кавкабони қутбнамои Панҷакент” (Қомуси бонувони Панҷакент, Д. 2016) Бибираҷаб Исоева соли 1919 дар шаҳри Самарқанд дар оилаи косиб ба дунё омадааст. Вале дар соли таваллуди ӯ ихтилоф мавҷуд аст. Дар шумораи 21-уми феврали соли 1941-и рӯзномаи “Коммунисти Панҷакент” ҳолномаи кӯтоҳи Б. Исоева дарҷ гардидааст. Дар он санаи таваллуди ӯ зикр нашудааст, вале гуфта мешавад, ки вай аз хурдсолӣ ба санъат шавқу рағбат пайдо карда, соли 1927 дар Театри шаҳри Самарқанд корашро оғоз намудааст. Яъне духтари 8-сола ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонист корманди театр бошад.

Ҳамин тавр, Бибираҷаб Исоева як муддат дар Театри шаҳри Самарқанд ба фаъолияти эҷодӣ пардохта, дар ин муддат нозукиҳои санъатро меомӯзад. Дар ду китоби зикршуда гуфта мешавад, ки Б. Исоева соли 1940 ба Панҷакент омадааст, ки ин маълумот низ дақиқ нест. Аз ҳолномаи фавқуззикри нашршуда дар рӯзнома бармеояд, ки ӯ соли 1930 ба Панҷакент омада, дар Театри халқии шаҳри Панҷакент ба фаъолият оғоз намудааст. Дар ин маврид далелҳои зиёде ҳастанд, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи “Коммунисти Панҷакент” дар солҳои 30 нашр шудаанд. Ҳамчунин, аз навиштаҳои рӯзнома бармеояд, ки Бибираҷаб Исоева нахустин ҳунарпешаи Театри халқии шаҳри Панҷакент будааст.

Бибираҷаб Исоева аз соли 1930 то соли 1938 дар театр ба ҳайси актриса фаъолият намуда, дар намоишномаҳо нақшофарӣ мекард. Илова бар ин, ӯ аз соли 1939 ба кори режиссёрӣ даст зада, чандин асарро ба саҳна гузоштааст.

Мавриди зикр аст, ки Театри тоҷик соли 1929 арзи ҳастӣ намуда, дар солҳои 30 мо ҳанӯз драматургияи касбӣ надоштем. Бинобар ин, театрҳо бештар асарҳои аз ҷиҳати бадеӣ суст, вале аз нигоҳи ғоявӣ инқилобиро ба саҳна мегузоштанд. Театри шаҳри Панҷакент ҳам истисно набуд. Аз матолиби солҳои 30 ва 40-и рӯзномаи “Коммунисти Панҷакент” бармеояд, ки дар он солҳо кормандони театр худ барои саҳнаҳо асар менавиштанд. Барои мисол дар ҳамон солҳои 30 аз рӯйи романи “Дохунда”-и устод Садриддин Айнӣ ҳунармандони театр асари саҳнавӣ сохта, онро ба саҳна гузошта буданд, ки яке аз дастандаркорони он Бибираҷаб Исоева буд. Ҳамчунин, театр аз рӯйи достонҳои “Шоҳнома” низ саҳнаҳо гузоштааст. Дар солҳои 30 ва 40 драматургияи касбии тоҷик рушд кард. Асарҳои А. Усмонов «Мубориза», С. Саидмуродов «Раъно», Ғанӣ Абдулло «Вахш», Сотим Улуғзода «Шодмон» ва «Калтакдорони сурх», “Дар оташ”, Ҷалол Икромӣ «Душман», Мирсаид Миршакар “Тошбек ва Гулқурбон”, (Ҷалол Икромӣ ва А. Файко «Хонаи Нодир», Сотим Улуғзода «Дар оташ») ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Ин асарҳо натанҳо дар театрҳои марказ, балки аз рӯйи имкон дар театрҳои музофот низ ба саҳна гузошта мешуданд, аз ҷумла дар Театри шаҳри Панҷакент ва дар онҳо Бибираҷаб Исоева нақши марказиро иҷро мекард.

Театри халқии шаҳри Панҷакент дастаҳои ҳунарии навозандагиву сарояндагӣ низ дошт. Бибираҷаб Исоева як муддат роҳбарии Театри халқии шаҳри Панҷакентро низ ба уҳда доштааст.

Бибираҷаб Исоева дар баробари фаъолияти ҳунарӣ, ба корҳои ҷамъиятӣ низ машғул шудааст ва барои бедории фикрии бонувон талошҳо кардааст. Фаъолияти ӯ дар кори комсомоли ноҳияи Панҷакент бисёр назаррас буд. Ҳамин аст, ки вай як муддат, аниқтараш солҳои 1940-1943 сарварии кумитаи комсомоли ноҳияро низ ба дӯш доштааст.

Дар солҳои баъдӣ Бибираҷаб Исоева раиси артели “Ударник”-и комбинати маишӣ, сарвари шӯрои занони ноҳия, мудири ЗАГС, котиби комитети иҷроияи шаҳр, корманди ҳифзи иҷтимоӣ, мудири боғчаи бачагона, депутати Шӯрои Олӣ ва монанди инҳоро низ ба уҳда доштааст, вале ӯ фаъолияти худро пайваста дар театр идома медод.

Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Раҷабгул Қосимова, ки соли 1962 фаъолияти ҳунарии хешро дар Театри халқии шаҳри Панҷакент оғоз намудааст, ба ёд меорад, ки дар даврони фаъолияти ӯ Бибираҷаб Исоева бо Шарофат Одилова ва Хосият Хӯҷаева ҳунармандони пешбари театр будаанд.

Мавриди зикр аст, ки Театри халқии шаҳри Панҷакент на фақат дар ҳудуди ноҳия, балки дар саросари кишвар ва ҳатто хориҷ аз он ба сафари ҳунарӣ мебаромадааст. Аз ҷумла Бибираҷаб Исоева дар саҳнаҳои калони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҳунарнамоӣ кардааст. Илова бар ин, ӯ бо ҳайати театр ба шаҳру навоҳӣ сафарҳои ҳунарӣ анҷом додааст.

Бибираҷаб Исоева дар солҳои 30 натанҳо бо нақшҳои офаридааш ва фаъолияти тарғиботиаш, балки бо мақолаву шеърҳояш низ кӯшиши таҳрики афкори бонувонро анҷом додааст. Ҳатто дар яке аз шумораҳои солҳои 30 ӯро “Шоираи мо Бибираҷабой Исоева” муаррифӣ кардаанд. Дар мақолаву мурочиатҳояш ба занон, Б. Исоева рӯзгори замони пешинро бо замони нав муқоиса намуда, фаъолияти занонро дар ҳама ҷабҳаҳо мисол оварда, онҳоро ба бедории фикрӣ, саводомӯзӣ ва фаъолият дар корзори созандагӣ даъват мекунад. “Ба зани аз зулм озодшуда”, “Ба меҳнати шарафнок”, “Барои зани озодшуда” намунаи мақолаву мурочиатҳои ӯ ҳастанд. Ҳамчунин, Б. Исоева дар шеърҳояш низ васфи зани озодро мекунад. Барои мисол дар яке аз шеърҳояш, ки “Баҳори болшевикӣ” (Коммунисти Панҷакент, №20 (102), соли 1935) ном дорад, ӯ заминҳои киштукорро ба гулистону бӯстон монанд карда, васфи кори тараткорҳоро намуда, аз он ки занон дар корзор дар баробари мардон заҳмат мекашанд, ситоиш мекунад.

*Дар фасли баҳор,*
*Сӯйи кишту кор,*
*Духтари деҳқон,*
*Чун себи анор.*

Ӯ даъват мекунад, ки ҳама аз як гиребон сар бароварда, барои иҷро кардани план талош намоянд.

Ё дар шеъри дигараш, ки “8-уми март” (Коммунисти Панҷакент, №9 (156), 8-уми марти соли 1936) ном дорад, ӯ ишора мекунад, ки “Дар замони куҳна” занон “чӯрии боён” буданд, гарчанде дар “замони озодӣ” он рӯзгорон афсона менамояд.

*Лолаю Соро Назокатҳо*
*буданд дар қайди зулм,*
*Субҳи шодӣ бардамиду кор*
*бо ҷонона кард.*
*Духтари мазлум кунун*
*озод гашт аз қайди зулм,*
*Ҳамчун гул бишкуфту*
*кори мардона кард.*

Албатта, ин шеърҳо аз нуктаи назари имрӯз арзише надоранд ва дар онҳо бозёфти ҳунариву эҷодӣ мушоҳида намешавад. Вале дар солҳои 30 чунин абёт кам набуданд, балки онҳо барои муҳиту замони хеш созгор маҳсуб меёфтанд. Дар саҳифаҳои матбуоти он солҳо ва ҳатто китобу маҷмӯаҳо чунин абёт кам нестанд.

Хулоса, Бибираҷаб Исоева ба ҳайси аввалин актрисаи Театри шаҳри Панҷакент машъале фурӯзон кардааст, ки он баъдан барои ҳазорон бонувон роҳнамо шудааст. Хизматҳои Бибираҷаб Исоева бо ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии ҶТ, 5 медал ва чандин ифтихорномаҳои соҳавӣ қадрдонӣ шудааст. Ин зани матинирода умри бобаракт дида, дар синни 90-солагӣ аз олам мегузарад.

Ёдаш ба хайр!

**О. Соҳибзода**

# МУҲОҶИРОН ДАР РӮЙХАТИ НАВ



**Кадом шаҳрвандони хориҷӣ ба “феҳристи шахсони назоратшаванда дар Русия” дохил мешаванд ва чӣ маҳдудиятҳо онҳоро интизор аст?!**

Акнун рӯйхати 120 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар Русия таҳти назорат қарор доштанд, дигар амал намекунад. Шаҳрвандони хориҷӣ ба сомонаи расмии Вазорати корҳои дохилии Русия ва хадамоти давлатӣ ворид шуда, ба воситаи “феҳристи шахсони назоратшаванда”, ки ҳар чор соат пас нав мешавад, метавонанд вазъияти будубоши худро дар ҳудуди Русия муайян кунанд.

Аз 5-уми феврали соли 2025 моддаи нави Қонун "Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Русия" амал мекунад. Мувофиқи ин қонун шаҳрвандони хориҷие, ки дар кишвар ғайриқонунӣ зиндагӣ мекунанд, ба пойгоҳи додаҳои махсус, яъне “феҳристи шахсони назоратшаванда” дохил мешаванд ва то андозае ҳуқуқҳояшон маҳдуд мешавад, ки ҳатто метавонанд онҳоро аз Русия берун кунанд.

Ҳамзамон, мувофиқи моддаи нави ин қонун пулис ваколат дорад, ки дар бораи ихроҷи муҳоҷирон қарор қабул кунад. Пештар чунин қарорро танҳо судҳо қабул карда метавонистанд.

ВКД Русия изҳороти шаҳрвандони хориҷиеро, ки дар қаламрави Русия бе асосҳои қонунии будубош қарор доранд, аз 1-уми январ то 30-юми апрели соли 2025 қабул мекунад. Зеро тибқи қонуни нав, пас аз 1-уми майи соли 2025, ҳамаи муҳоҷироне, ки асосҳои қонунии будубош дар қаламрави Русияро аз даст додаанд, бо татбиқи тамоми чораҳои пешбининамудаи қонун, ба монанди: маҳдуд кардани ҳуқуқҳо, манъи вуруд ба Русия ва ихроҷ аз кишвар рӯ ба рӯ мешаванд.

**Кӣ метавонад ба феҳристи шахсони назоратшаванда ворид шавад?**

Барои ворид шудан ба ин феҳрист сабабҳои зиёде вуҷуд доранд, аз ҷумла:

› Шаҳрвандони хориҷие, ки қоидаҳои вуруд ва будубошро вайрон кардаанд;

› Ҳангоми гузаштани мухлати бақайдгирӣ, ҳангоми гузаштани мухлати иҷозатномаи истиқомати муваққатӣ (РВП) ё иҷозатномаи истиқомат дар Русия (ВНЖ), патент, иҷозатномаи кор, шартномаи меҳнатӣ ва шахсоне, ки шаҳрвандии Русияро аз даст додаанд ва барои дар Русия будан асосҳои қонунӣ надоранд;

› Убури ғайриқонунии сарҳади Русия;

› Барои тамдиди мухлати будубош шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд ба мақомоти ҳудудии хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Русия ё намояндагии Муассисаи давлатии федералии "Хадамоти шиносънома ва раводид"-и Вазорати корҳои дохилии Русия дар ҷои истиқомат муроҷиат кунанд.

**Шахсоне, ки дар феҳристи шахсони назоратшаванда дохиланд, бо як қатор маҳдудиятҳо рӯ ба рӯ мешаванд.**

Аз ҷумла:

*- дастрасӣ ба як қатор хидматрасониҳо;*

*- бидуни иҷозати ВКД наметавонанд аз маҳали зист дар Русия берун бароянд;*

*- пули нақдро зиёда аз 30 ҳазор рубл гирифта наметавонанд;*

*- иҷозат надоранд суратҳисобҳои бонкӣ кушоянд ва амалиёти бонкӣ гузаронанд;*

*- иҷозат ба хариди амвол надоранд;*

*- хариди мошин ва идораи он, инчунин гирифтани ҳуҷҷати ронандагиро наметавонанд;*

*- иҷозат надоранд издивоҷ кунанд;*

*- наметавонад фарзандони худро ба мактабҳо ва кӯдакистонҳо супоранд.*

Ғайр аз ин, мувофиқи қонуни нав хориҷиёне, ки ба феҳристи шахсони назоратшаванда дохиланд, вазифадоранд, ки ҳар 7 рӯзи тақвимӣ дар бораи ҷойгиршавии худ ба ВКД огоҳинома пешниҳод кунанд.

*Чӣ бояд кард, агар шумо иштибоҳан ба феҳрист дохил шудаед?*

Агар ба пойгоҳи додаҳо шаҳрвандон дохил шудаанд, ки қонунӣ дар Русия зиндагӣ мекунанд, онҳо бояд ба шуъбаи ВКД дар суроғаи бақайдгирӣ муроҷиат кунанд. Танҳо кормандони ВКД метавонанд маълумотро тафтиш кунанд ва дар ҳолати зарурӣ онро дар феҳрист ислоҳ кунанд. Агар ба феҳрист тағйирот ворид карда шавад, маълумоти навшуда дар давоми 24 соат ба бонкҳо ва дигар ташкилотҳое фиристода мешавад, ки маҳдудиятҳоро муқаррар мекунанд.

Ғайр аз мақомоти ҳудудии хадамоти муҳоҷирати ВКД метавонед ба намояндагии Муассисаи давлатии федералии "Хадамоти шиносънома ва раводид"-и ВКД Русия дар ҷои истиқомат, ҳамзамон ба телефони Муассисаи давлатии федералии "Хадамоти шиносънома ва раводид"-и Вазорати корҳои дохилии Русия бо рақами 8 800 200 52 09 муроҷиат намоед.

Инчунин Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон муҳоҷиронро таъкид намудааст, ки дар ҳолати пайдо шудани саволҳо ба намояндагии Вазорати меҳнати Тоҷикистон дар Русия оид ба муҳоҷират бо рақамҳои зерин муроҷиат намоянд:

1. Ҳавзаи федералии Марказӣ, ш. Москва: +7 (495) 967-98-44, +7 (967) 271-02-02, +7 (988) 676-00-00, +7 (966) 031-22-22, +7 (936) 174-19-92, +7 (926) 586-03-00 ва шабакаи иҷтимоии “WhatsApp” +7 (999) 912-58-68;
2. Ҳавзаи федералии Приволжие, ш. Уфа: +7 (926) 311-52-53;
3. Ҳавзаи федералии Шимолу Ғарб, ш. Санкт-Петербург: +7 (977) 963-25-69;
4. Ҳавзаи федералии Ҷанубӣ, ш. Краснодар: +7 (901) 344-77-77;
5. Ҳавзаи федералии Сибир, ш. Новосибирск: +7 (929) 388-54-11;
6. Ҳавзаи федералии Шарқи Дур, ш. Хабаровск: +7 (909) 809-55-48.

Ҳамзамон муҳоҷироне, ки ба мушкилиҳо дар муҳоҷират дучор меоянд, метавонанд ба Созмони байналмилалии муҳоҷират дар Тоҷикистон бо рақами +992 900 800 800 занг зананд ва машварати ройгон оид ба муҳоҷирати бехатар гиранд.

**Дило ДОРОБШОЕВА,**
**“Тоҷикистон”**

**Ба оилаи Акрам Масаидов, зодаи Тоҷикистон ва шаҳрванди Русия, ки чор фарзанд дорад, дар шаҳри Качканари вилояти Свердлов хона доданд. Гурӯҳҳои марбут ба миллатгароёни Русия дар Телеграм навиштанд, ки "дар Качканар ҳадди ақал 20 хонаводаи камбизоати рус дар навбат ҳастанд", вале "муҳоҷирони дирӯзӣ соҳиби хона мешаванд".**



# БОЗ ХОНАИ ТОҶИК ХАШМИ РУСҲОРО ОВАРД

Тақдими хона ба ин оилаи тоҷик бори дигар баҳси тақдими хона ба “муҳоҷирони шаҳрвандигирифта”-ро доғ кард. Ин дафъаи дувум аст, ки тақдими хона ба зодагони Тоҷикистон дар Русия баҳсбарангез мешавад. Дар нимаи моҳи январи имсол дар шаҳри Митиши, наздикии Маскав, ба хонаводаи дигари зодаи Тоҷикистон - Таҳмина Самадова манзили зист тақдим карданд. Ин оила низ серфарзанд буд ва шиносномаи Русияро дошт.

Дертар мақомоти Русия зери фишори ҷомеа ва миллатгароҳо манзилро аз Таҳмина Самадова ва ҳамсараш Рамазон Раҳимов гирифта, онҳоро ба тақаллуб муттаҳам карданд. Дар пайванд ба ин ҳодиса муовини раиси шаҳри Митиши низ дастгир шуд.

Оилаи Масаидовҳо, ки соҳиби 4 фарзанданд, беш аз 10 сол пеш ба Русия рафта, чанде пеш бар асоси барномаи давлатӣ соҳиби хона шудааст. Ба иттилои ҳукумати маҳаллӣ, хонаводаи Масаидовҳо, ки чаҳор фарзандро тарбия мекунанд, тамоми меъёрҳои гирифтани шаҳодатномаро пурра иҷро кардаанд. Мақомот таъкид кардаанд, ки ҳеҷ асосе барои рад кардани ин ҳақи онҳо вуҷуд надорад.

Аммо гурӯҳҳои миллатгарои Русия навиштаанд, Акрам Масаидов аз соли 2019 барои гирифтани шаҳодатномаи манзил барои оилаҳои камбизоат дар навбат будааст. Ҳамагӣ 67 хонаводаҳои камбизоат барои гирифтани манзил худро сабт кардаанд ва Акрам дар ин рӯйхат дар ҷойи 59-ум қарор доштааст.

Ин тасмим дар миёни сокинони маҳаллӣ низ вокунишҳои мухталифро ба бор овардааст. Онҳо эътироз кардаанд, ки “чаро ба номзаде, ки бумии Русия нест, дар навбати аввал манзил додаанд” ва онҳо, ки “даҳсолаҳо мешавад, ки дар ин ҷо зиндагӣ мекунанд, дар интизори навбат ҳастанд”?

Ҳоло маълум нест, ки тақдири оилаи Акрам Масаидовҳо баъди фишори ҷомеа ва гурӯҳҳои миллатгароҳои Русия бо чӣ меанҷомад.

Зеро қазияи Таҳмина Самадова нишон дод, ки ҳашми миллатгароён метавонад бо нохушӣ анҷом пазирад.

Ҳамин аст, ки аксари корбарони тоҷик дар шарҳҳои шабакаҳои иҷтимоӣ навиштаанд, ки “Ба оилаи тоҷик хона надиҳед, беҳтараш онҳоро ба ҳолашон гузоред”.



# 10 ФОИДАИ РӮЗА БА САЛОМАТӢ

**Рӯза доштан дар моҳи шарифи Рамазон яке аз фарзҳои муҳимест, ки ҳар як шахси мусалмони болиғ, солимақл ва тандуруст бояд ба ҷо оварад. Тадқиқотҳои олимони соҳаи тиб нишон медиҳанд, ки рӯза гирифтан барои саломатӣ низ фоидаҳои зиёде дорад, ки 10-тои онро манзури шумо мекунем.**



## 1. ҶИСМ АЗ ЗАҲРҲО ТОЗА МЕШАВАД.

Бо шарофати рӯзадорӣ ҷисми инсон аз дарун тоза мешавад. Рӯзона аз хӯрдану нӯшидан даст кашидани шахси рӯзадор боиси он мегардад, ки равғанҳои шикам ва дигар қисматҳои бадан об шуда, захрҳои дар организм ҷамъшуда аз ҷисм хориҷ гарданд.

## 2. РӮЗА ИММУНИТЕТИ ИНСОНРО БАЛАНД МЕСОЗАД.

Дар сурати риоя намудани қоидаҳои рӯзадорӣ гирифтани рӯза боиси пуркувват гаштани иммунитети инсон хоҳад гашт. Барои ин, шахси рӯзадор бояд субҳу шом, яъне ҳангоми саҳархӯрӣ ва ифтор ғизои солим истеъмол намояд.

## 3. РӮЗАДОР БА БЕМОРИҲОИ ИЛТИҲОБӢ ГИРИФТОР НАМЕШАВАД.

Исбот шудааст, ки рӯза гирифтан боиси кам шудан ва ҳатто тамоман нест шудани нишонаҳои бемориҳои илтиҳобӣ дар организми инсон мегардад. Гирифтани рӯза ҳамчунин касро аз аллергия ва бемориҳои артрит ва псориаз халос мекунад. Табибон тахмин мекунанд, ки рӯза гирифтан боиси тезтар халос шудан аз бемориҳои рӯда, аз ҷумла "язвенный колит" гашта метавонад.

## 4. РӮЗА ЧАШМРО РАВШАНУ ПӮСТРО ҶАВОН МЕСОЗАД.

Ҳангоми рӯзадорӣ дар ҷисми инсон ҷараёни бозсозии дохилӣ оғоз ёфта, дар натиҷа пӯст чавону пуртароват мегардад ва нури чашм равшантар мешавад. Аз ҳамин сабаб, баъди моҳи шарифи Рамазон чашмони инсон дурахши тоза пайдо мекунанд.

## 5. САТҲИ ҚАНД ДАР ХУН ПАСТ МЕШАВАД.

Ҳангоми рӯзадорӣ ҷисми инсон ба инсулин ҳассостар мегардад, ки ин бисёр муҳим аст. Ҳассосияти ҷисм ба инсулин намегузорад, ки баъди хӯрдани хӯрок сатҳи қанд дар ҷисми инсон баланд шавад. Барои кори бонизоми ғадуди зери меъда низ ин бисёр муҳим ва фоидаовар аст.

## 6. ФОИДАИ РӮЗА БА РӮДАЮ МЕЪДА.

Рамазон давраи истироҳати рӯдаю меъдаи шахсони рӯзадор мебошад. Агар кас баднафсӣ карда, субҳу шом аз ҳад зиёд хӯрок нахӯрад, кори системаи ҳозимааш беҳтар гашта, аз бисёр дарду иллатҳои рӯда ва меъда халос мешавад.

## 7. ФИШОРИ ХУН ПАСТ МЕШАВАД.

Рӯза гирифтан боиси паст шудани фишори хун мегардад. Аз ҳамин сабаб, аксари шахсоне, ки аз бемории фишорбаландӣ азият мекашанд, дар давраи Рамазон худро беҳтар эҳсос мекунанд. Фишори хун ба низом медарояд, агар шахси рӯзадор речаи хӯроккӯриро ҳангоми саҳархӯрӣ ва ифтор дуруст ба роҳ монда, ба пархез риоя намояд.

## 8. РӮЗАДОР АЗ ВАЗНИ ЗИЁДАТӢ ХАЛОС МЕШАВАД.

Дар давраи Рамазон дар ҷисми инсон ҷараёнҳое, ки боиси тезтар партофтани вазни зиёдатӣ мегарданд, фаъол мешаванд. Дар натиҷа равғанҳои бадан об шуда, кас тезтар лоғар мешавад. Дар сурати кам кардани истеъмоли хӯрокҳои серравған, хамирӣ ва қанду ширинихо шумо баъди Рамазон низ химчамиён мемонед. Аммо барои он ки ҷисматон қуввату неру бигирад, бояд бештар меваю сабзавоти тару тозаро нӯши ҷон созед.

## 9. ИНСОН БА ҒИЗОИ СОЛИМ ШАВҚ ПАЙДО МЕКУНАД.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки маҳз дар давраи Рамазон одамон аз бахри хӯрдани фастфуд, хасиб, обҳои газнок ва дигар хӯрокҳои нимтайёри зараровар гузашта, ғизои солим истеъмол мекардагӣ мешаванд. Бештар истеъмол кардани хӯрданиҳои табиӣ ва ғизои аз нигоҳи экологӣ тоза ҷисми инсонро бо витамину минералҳои зарурӣ таъмин намуда, кас ба тарзи ҳаёти солим одат мекунад.

## 10. РӮЗАДОРӢ - РОҲИ БЕҲТАРИНИ ХАЛОС ШУДАН АЗ ОДАТҲОИ БАД.

Рӯза гирифтан барои халос шудан аз одатҳои бад ёрӣ мерасонад. Шахсоне, ки ба маю шароб майл доранд, тамоку ё нос мекашанд, дар моҳи шарифи Рамазон тарки ин корҳо намуда, хуморашон камтар мешавад.

Олимон исбот намудаанд, ки дар давраи Рамазон талаботи ҷисми инсон ба никотин, алкогол, кофеин ва дигар моводҳои хуморовар кам мешавад. Агар шумо чунин одатҳои бад доред, барои партофтани маю шароб Рамазон баҳонаи беҳтарин аст.

## Толеънома



*Ҳамал*
*21.03 - 20.04*

Нимаи аввали ҳафта бо нафароне, ки дӯсташон медоред, мунокиша карданро маслиҳат намедиҳем. Байнатон нофаҳмиву ихтилоф сар зада метавонад. Барои рашк имкон надиҳед ва худатон ба гапу рафтори шахси дӯстдоштаатон ботаҳаммул бошед.



*Савр*
*21.04 - 21.05*

Дар давоми ҳафта ба коре, ки аз уҳдааш намебароед, даст назанед. Дар хона рух додани баъзе ҳодисаҳои ногувор имкон дорад, ҳангоми аз хона берун шудан маҳкам кардани ҷумаки обу газро фаромӯш накунед.



*Ҷавзо*
*22.05 - 21.06*

Нимаи аввал ва миёнаи ҳафта бо нафаре шинос шуданатон имконпазир аст, ки бо ваъдаҳои пуч доманатонро пур карда, дар асл коре аз дасташ намеояд. Ҳангоми ба ҷое сафар намудан дар наклиёти ҷамъиятӣ ё мошини шахсӣ эҳтиёткор бошед.



*Саратон*
*22.06 - 23.07*

Аввал ва миёнаи ҳафта даромади пулиеро, ки интизор будед, ба даст меоред. Айни замон баъзе мушкилиҳои молиявӣ бар зарари худатон ҳал мегарданд. Дар ин рӯзҳо молу ашёеро харидорӣ мекунед, ки дар оянда тамоман ба шумо даркор намешаванд.



*Асад*
*23.07 - 22.08*

Аввалу миёнаи ҳафта бар ростқавливу боинтизомии нафароне, ки ҳамроҳашон дар робита мешавед, умед набандед. Эҳтимол аз ҷониби ҳамкор ё ҳамсафари ҳаётӣ фиреб меҳӯред. Саросема хулосабарорӣ накунед. Нафаре шуморо ба гумроҳӣ бурдан меҳоҳад.



*Сунбула*
*23.08 - 22.09*

Аввали ҳафта аз ғайбату макру ҳилла худро канор гиред, дар акси ҳол ҳама гуна пинҳонкорӣ фош мегардад. Ба коре, ки баъдан боиси шарм доштанатон мегардад, даст назанед. Ҳолати руҳиятон ноҳуб гашта, гирифтори яъсу ноумедӣ ва руҳафтодагӣ гаштанатон имконпазир аст.



*Мизон*
*25.09 - 22.10*

Аввали ҳафта бештар бо дӯстону шиносҳоятон дар робита мешавед, ки кайҳо боз муносибати хуб доред. Ҳоҳиши зиёди ба даст овардани пул шуморо ором намегузорад. Сафарҳо маблағи пулӣ талаб мекунанд. Хастагии зиёд ба корҳоятон таъсири манфӣ мерасонад.



*Ақраб*
*23.10 - 22.11*

Шумо аз натиҷаи заҳматҳои худ қаноатманд нестед, нисбати худ сахтгир ва пурра бо кор андармон шудан мехоҳед. Роҳбарият аз шумо кореро талаб мекунад, ки иҷро намуданаш душвор аст. Рӯирост зиддият нишон надиҳед, истиҳола намоед.



*Қавс*
*25.11 - 21.12*

Ҳатто тағйироти хурдтарин ба фоидаи шумо анҷом меёбад. Ҳафтаи хубест барои ба назди машшотаву сартарош рафтан. Пул ба даст меоред, вале зуд сарф мекунед. Душвориҳоро ба дил наздик қабул накунед, вагарна ба саломатиятон таъсири манфӣ мерасад.



*Ҷаддӣ*
*22.12 - 20.11*

Дар ҳаёти ҷаддиҳо ҳодисаҳои фавқулода рух медиҳанд. Ба беҳатарии захираҳои молиявии худ диққати зиёд диҳед. Бо ашёҳои нӯгтез кор карданро тавсия намедиҳем, эҳтимоли ҷароҳат бардоштанатон вуҷуд дорад. Аз мунокиша бо хешовандон худдорӣ намоед.



*Далв*
*21.01 - 19.02*

Дар давоми ҳафта яку якбора чанд корро ба анҷом расониданӣ бошед, нақшаи мураттаб тартиб диҳед. Айни замон тамоман кор кардан намехоҳед, ҳол он ки корҳои касбӣ нақшаҳоятонро барбод медиҳанд. Айни замон аз сафарҳои роҳи дур ва меҳмонӣ рӯ нагардонед.



*Ҳут*
*20.02 - 20.03*

Аввалу миёнаи ҳафта дар саломатиятон мушкилиҳо сар мезананд. Кӯшиш намоед, ки хӯрокатон безарар бошад. Пурра аз нӯшидани машрубот, хӯрданӣ самбӯсаҳои равғанин ва сихкабоб худдорӣ намоед. Дар муносибат бо ҳамкорон рух додани нофаҳмӣ имкон дорад.

# ЗИНДАГИИ ПУРБАРАКАТ

**Дар ҳама давру замон шахсиятҳои худогоҳу худшинос тавонистаанд, ки дар ивази ранҷу заҳамоти шабонарӯзии хеш ободию шукуфоии кишварро барои ҳамзамонон ва пасояндагонашон фароҳам оваранд, зеро ин тоифа хуб дарк кардаанд, ки зиндагии инсон фарогир аз рисолатҳоест, ки офаридгор барои онҳо рақам задаасту эшонро миёни дигарон чун ахтари дурахшон баргузидааст. Яке аз чунин нафарон номзади илмҳои физикаю математика, дотсент Нурублоев Мавлон Нурублоевич ҳастанд.**



Нурублоев Мавлон 13-уми марти соли 1945 дар шаҳри Панҷакент дар оилаи кишоварз таваллуд шудааст. Соли 1958 пас аз хатми мактаби 7-солаи №1 ба омӯзишгоҳи педагогии шаҳр дохил шуда, онро соли 1962 бо дипломи сурх хатм кардааст.

Худи ҳамон сол ба шуъбаи рӯзонаи факултаи физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин дохил шуда, соли 1968 онро хатм карда, ба Пажӯҳишгоҳи физикӣ-техникии ба номи С. У. Умаров (шуъбаи математика) ба фаъолияти меҳнатӣ сар кардааст.

Тайи солҳои 1969-1972 аспиранти Институти математикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, соли 1978 дар шаҳри Алма-Ато рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст.

Солҳои 1972-1985 дар ҳамон институт ба ҳайси ходими хурди илмӣ, сипас ходими калони илмӣ адои вазифа намудааст. Соли 1985 ӯ тариқи озмун дар вазифаи муаллими калон ва аз соли 1991 дар вазифаи дотсенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон иҷрои вазифа кардааст. Солҳои 2006-2017 дар кафедраи математикаи олии Донишгоҳи славянии Россияю Тоҷикистон дар вазифаи дотсенти кафедра иҷрои вазифа намудааст. Солҳои охир дар филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ-технологии МИСиС дар шаҳри Душанбе ба донишҷӯён дарс гуфтааст.

Устод Мавлон Нурублоев ба ҳазорҳо толибилмон бо истифода аз усулҳои навини тадрис дониши мукаммалу замонавӣ додааст ва барои ба мартабаҳои баланди илмӣ расидани даҳҳо нафар олимон замина гузоштааст.

Ба қалами Нурублоев М. беш аз 85 адад маводҳои илмӣ, китобу дастурҳои илмӣ-методӣ, мақолаю тезисҳо доир ба системаи муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ нашр гардидааст.

Нурублоев Мавлон дар тайёр кардани мутахассисони варзида ва ҳалли масъалаҳои мубрами илмию таълимии соҳаи математика ва татбиқи он дар хоҷагии халқ ба муваффақиятҳои намоён ноил гардидааст. Осори ба табъ расонидаи ӯ дар илми математика аз ҷониби муҳаққиқону мутахассисон эътироф гардида, қисми онҳо дар маҷаллаҳои марказии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Амрико нашр гардидааст. Натиҷаи корҳои илмии ӯ чандин маротиба сазовори ифтихорномаҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишгоҳҳо шуда, соли 1996 ба унвони Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардидааст. Барои баланд бардоштани сифат ва ҷараёни таълим, тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, такмилу беҳтар намудани барномаҳои таълимии мактабҳои олии ҷумҳурӣ хизмати намоёне кардааст. Ӯ барои нишон додани маҳорати касбӣ дар гузаронидани аттестатсияи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ сазовори ифтихорномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2000, №123) шудааст.

Яке аз хислатҳои наҷиби Мавлон Нурублоев хайрхоҳӣ ва мададгорӣ ба дӯстону шогирдон аст. Ӯ фарзандонашро низ дар руҳияи худшиносиву худогоҳӣ ва илмдӯстиву инсондӯстӣ тарбия кардааст. Имрӯз се фарзанди ӯ маълумоти олии иқтисодӣ дошта, дар хизмати халқу ватан ҳастанд. Духтараш Нурублоева Мадинабону, номзади илми иқтисод аз пайи падар рафт ва имрӯз дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муаллим аст.

**Имрӯзҳо номзади илмҳои физикаю математика, дотсент Нурублоев Мавлон Нурублоевич ба синни муборaки 80-солагӣ мерасанд. Мо дӯстон, пайвандон ва шогирдон устодро ба ин санаи фархунда умрашон табрик гуфта, барояшон саломатӣ ва саодати рӯзгорро орзу мекунем.**

# ТЕРРОРИЗМ - ВАБОИ АСР



*Солеҳ РАҲМОНОВ, муаллими факултети филологияи руси ДМТ*

**Яке аз зуҳуроте, ки дар ҷаҳони муосир ба проблемаи глобалӣ табдил ёфтааст, терроризм ва экстремизми байналмилалӣ мебошад.**

Хушунатҳои марбут ба экстремизм ва терроризм сол то сол боз ҳам васеътар гардида, дар аксар маврид густариши ин зуҳурот аз ҷониби гурӯҳҳои ифротгаро бо истифода аз эътиқоди динии аҳолӣ ва номукаммал будани дониши динии ҷавонон амалӣ мешавад.

Маҳз бо ин роҳу восита бадхоҳон ва манфиатҷӯён дини мубини Исломро барои ба ҳадафҳои нопоки худ ноил шудан истифода мебаранд.

Дар ҷомеаи кунунӣ бархе аз ҷавонону наврасон бинобар надоштани маълумоти пурра аз таъсиру оқибатҳои ноустувори шабакаҳои иҷтимоӣ, побанди раванду зуҳуроти гуногуни номатлуби иҷтимоӣ мегарданд.

Аз ин рӯ, насли калонсол - падару модарон, омӯзгорон, ходимони дин, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, васоити ахбори омма ва дигар табақаҳои аҳолии кишварро зарур аст, ки бо ҷавонон ва наврасон ҳамаҷониба ҳамкорӣ намуда, ба онҳо роҳи дурусти муваффақ шуданро дар соҳаҳои мухталифи зиндагӣ нишон диҳанд. Онҳоро огоҳ намоянд, ки маҳз он ҷавононе, ки аз таҳсил дур мондаанд ва ба касбу кори муайян надоранд, аз ҳама бештар ва зудтар, бо роҳи осон ба доми афроди тундрави беватан меафтанд.

Терроризм ва экстремизм то ҳанӯз ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, ба хатари глобалӣ табдил ёфтааст.

Аз ин рӯ, ҳар сокини Тоҷикистонро зарур аст, ки дар ҳифзи нигоҳдории якпорчагии ватан, ягонагии ҷуғрофӣ ва сиёсии кишвар, дифои сулҳу оромӣ, истиқлолу ваҳдати миллӣ ҷаҳд намуда, масъулиятшинос бошад. Моро лозим аст, ки Ваҳдати миллиро пос дошта, ба қадри ин неъмати бебаҳо ва муқаддас бирасем ва ҷавонони ватандӯсту ватанпарварро тарбия намоем.

## МАВЛУДНОМА

### 6 МАРТ

**Карим Иброҳимов** (1920-1987), 105-солагии зодрӯзи муаррих.

**Муртазо Қаҳҳоров** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Евгений Фоменко** (1935), 90-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи санъати Тоҷикистон.

**Ҷумъа Холиқов** (1920-1991), 105-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

### 7 МАРТ

**Юрий Касаткин** (1925-2001), 100-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор.

**Қодирҷон Ҷумъабоев** (1940-1997), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Ҳаким Шарифов** (1905-1993), 120-солагии зодрӯзи журналист, собиқадори радио ва матбуоти тоҷик.

### 8 МАРТ

**Хушназар Ақназаров** (1930-2004), 95-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

**Қаҳрамон Аҳмадов** (1940-2004), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Хосият Вализода** (1950), 75-солагии зодрӯзи шоир.

**Муҳаббат Маҳмудова** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Бобомурод Ятимов** (1955-2016), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

### 9 МАРТ

**Мавҷуда Пӯлодова** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Умриниссо Сироҷиддинова** (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Марҳабо Юсуфова** (1940), 85-солагии зодрӯзи наттоқи радио, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

### 10 МАРТ

**Сироҷиддин Бандаев** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Сафар Мансуров** (1950), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Шодибек Отамбеков** (1935), 90-солагии зодрӯзи коргардони ТВ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Ҷаббор Ҷобиров** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

### 11 МАРТ

**Муҳиддин Олимпур** (1945-1995), 80-солагии зодрӯзи журналист, суратгир.

**Нодира Сатторова** (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Нормат Солиев** (1935), 90-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ.

**Искандар Чиллаев** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Музаффар Юнусов** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор.

### 12 МАРТ

**Шариф Бобокалонов** (1910-1999), 115-солагии зодрӯзи оҳангсоз, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Любов Қиёмова** (1920-2011), 105-солагии зодрӯзи киношинос, кинодраматург.

## Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатномаи Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ихтисоси Тибби оилавӣ, №0004794, ба номи Шаҳнозаи Бобохон, 19.07.2023, рақами қайд 516, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №1883, ба номи Каримов Шаробҷон Ниязович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қуштеппа-2, хонаи 2, ҳуҷраи 4, соли 1993, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи шаҳодатнома ба номи Хочиматов Пулатҷон, РЯМ: 0730180935, РМА: 075801746, ки аз 02.08.2018 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ ба номи Исмоилов Нуриддин Фарходович, ки соли 2023 аз ҷониби Коллеҷи технологии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0269740, ба номи Олимова Азиза Муродовна, ки соли 2016 аз ҷониби МТМУ №76-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Хафизова Майсара Авгоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳилолӣ 44, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, ки онро КФДБМҒ ш. Душанбе ба Шарипова Робиямо, санаи 25.11.2010 бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 6, ҳ. 6 додааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №1ш-671 аз 02.04.2020, ба номи Абдуллоева Малика Файзуллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, 3 гузаргоҳи кӯчаи Н. Қарабоев 7/6, ҳ. 22, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Азизов Шамсиддин Ҳикматович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳисор Бл-А, №78-64, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №1032245 ба номи Имомалиев Муҳаммадҷон Хуршедович, соли 2022, МТМУ №40-и ноҳияи Варзоб, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи шаҳодатнома ба номи Хасанов Айнудин Бурхонович, РЯМ: 0730103138, РМА: 075363047, ки аз 17.12.2014 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, ки аз тарафи КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар шаҳри Турсунзода ба Низомов Сорбон Фузайлович нисбат ба анбор, воқеъ дар шаҳри Турсунзода, кӯчаи Деҳлавӣ, рақами инвентарии электронӣ №110048200, аз 17-уми майи соли 2024 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи махсус ба номи Маллаева Умеда, РЯМ: 0730212872, РМА: 165301462, ки аз 16.04.2021 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► Кооперативи тиҷоратии «Далери Муртазозода», РМА: 330007888, РЯМ: 3310005875, фаъолияташро қатъ менамояд.

► Кооперативи тиҷоратии «Махмадали», РМА: 330006234, РЯМ: 3310005885, фаъолияташро қатъ менамояд.

► ҶДММ "Навруз 13", РЯМ: 0710008155, РМА: 070014650, ки аз 17.02.2013 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- Agronomist, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 24545/National Personnel Services Agreement/NPSA-7); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 13 March 2025, 23:59 New York time.
- Hydrologist, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 24530/National Personnel Services Agreement/NPSA-7); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 13 March 2025, 23:59 New York time.
- Procurement Associate, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 24600/National Personnel Services Agreement/NPSA-7); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 14 March 2025, 23:59 New York time.

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

ҶУДО

# ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР TASHKENT GRAND SLAM 2025 НОКОМ ШУДАНД

**Аз 28-уми феврал то 2-юми март дар Ӯзбекистон мусобиқаи навбатии сайри ҷаҳонии ҷудо Tashkent Grand Slam 2025 баргузор шуд, ки паҳлавонони Тоҷикистон натавонистанд нишон ба даст оранд.**



Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 17 ҷудокор - Меҳрзод Сӯфиев, Ҳаққод Гулов (-60 кг), Эмомалии Нуралӣ, Умар Шеров (-66 кг), Муҳиддин Асадуллоев, Ворис Назаров (-73 кг), Сунnатулло Мусоев, Муҳаммад Юсуфзода (-81 кг), Мизробшоҳ Лоиқов, Муҳаммадҷон Абдучалилзода (-90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов, Кароматулло Ҳакимов (-100 кг), Мансур Раҳмон (+100 кг), Ахлия Муминова (-48 кг), Мадина Қурбонзода (-52 кг), Александра Кан (-57 кг) ва Виктория Кисилёва (+78 кг) намояндагӣ карданд.

Ахлия Муминова (-48 кг), Эмомалии Нуралӣ (-66 кг), Муҳиддин Асадуллоев (-73 кг) ва Ҷаҳонгир Маҷидов (-100 кг) дар ин мусобиқа ҳамагӣ ҷойи панҷумро гирифтанд. Ҳаққод Гулов (-60 кг), Меҳрзод Сӯфиев (-60 кг) ва Мансур Раҳмон (+100 кг) дар зинаи ҳафтум монданд. Инҳо аз беҳтарин натиҷаи ҷудокорони тоҷик дар мусобиқаи мазкур буданд.

Дар феҳристи медалҳо Ҷопон бо 5 тило, 4 нуқра ва 2 биринҷӣ якум шуд. Чин бо 2 медали тило ва 2 биринҷӣ зинаи дуюмро ишғол кард. Ӯзбекистон бо 1 тило, 3 нуқра ва 8 биринҷӣ дар сегонаи беҳтаринҳо ҷой гирифт. Тоҷикистон бо 4 ҷойи панҷум ва 3 ҷойи ҳафтум зинаи 14-умро гирифт.

Соли гузашта Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 14 ҷудокор намояндагӣ карда буданд, ки Эмомалии Нуралӣ дар вазни то 66 кг медали тило гирифта буд.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# ЛФТ ТАҚВИМИ БОЗИҲОРО БАРОИ МАВСИМИ 2025 НАШР КАРД

**Лигаи футболи Тоҷикистон тақвими бозиҳои Чемпионати футболи Тоҷикистон-2025 байни дастаҳои Лигаи олиро нашр кард.**




Мавсими 34-уми Чемпионати футболи Тоҷикистон рӯзи 7-уми март оғоз мешавад. Мавсими нав дар Лигаи олӣ дар ду марҳила бо ширкати 12 даста баргузор мешавад. Дар маҷмӯъ ҳар даста дар чемпионат 22 бозӣ анҷом медиҳад. Дастае, ки дар соли 2025 мақоми охиринро ишғол мекунад, ба Лигаи якум меравад ва дастае, ки дар чемпионат ҷойи ёздаҳумро мегирад, барои дар Лигаи олӣ мондан бо барандаи медали нуқраи Лигаи якуми Тоҷикистон-2025 бозиҳои гузариши баргузор мекунад.

Дастаҳои «Панҷшер» (Ҷалолиддини Балхӣ), КМВА (Душанбе), «Баркчӣ» (Ҳисор), «Истиқлол» (Душанбе), «Вахш» (Бохтар), «Равшан» (Кӯлоб), «Истаравшан» (Истаравшан), «Эсхата» (Хуҷанд), «Хуҷанд» (Хуҷанд), «Регар-ТадАЗ» (Турсунзода), «Ҳосилот» (Фархор), «Хулбук» (Восеъ) дар Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон ширкат мекунанд.

Мувофиқи қуръакашӣ дар даври 1-ум, ки 7-уми март шурӯъ мешавад, КМВА бо "Ҳосилот" ва "Истиқлол" бо "Хуҷанд" бозӣ мекунанд. 8-уми март "Панҷшер" бо "Хулбук", "Баркчӣ" бо "Регар-ТадАЗ" ва 9-уми март "Вахш" бо "Эсхата", "Равшан" бо "Истаравшан" қувва месанҷанд.

ФУТБОЛ

# ТОҶИКИСТОН МИЗБОНИ БОЗИҲОИ ИНТИХОБИИ ҶОМИ ОСИЁ-2026 ШУД

**Конфедератсияи футболи Осиё кишварҳои мизбони бозиҳои интихобии Ҷоми Осиё-2026 байни дастаҳои занонаро тасдиқ кард.**



Бозиҳои интихобӣ дар ҳашт кишвар - Тоҷикистон, Камбоҷа, Индонезия, Урдун, Мянмар, Тайланд, Ӯзбекистон ва Ветнам баргузор мешаванд.

Дар даври интихобии Ҷоми Осиё-2026 дар маҷмуъ 33 дастаи мунтахаб ширкат мекунанд. Аз рӯйи натиҷаи қуръакашӣ ҳашт гурӯҳ ташкил карда мешавад, ки ҳафт гурӯҳ иборат аз чор даста ва як гурӯҳ аз панҷ даста иборат хоҳанд буд.

Марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2026 байни дастаҳои занона аз 23-юми июн то 5-уми июли соли 2025 баргузор мешавад. Дастаҳое, ки дар як гурӯҳ бо дастаи мунтахаби занонаи Тоҷикистон дар Душанбе бозӣ хоҳанд кард, рӯзи 27-уми март дар маросими қуръакашии марҳилаи интихобӣ маълум мешаванд.

CAFA-2025



# ЧЕМПИОНАТИ CAFA-2025 БАЙНИ ДАСТАҲОИ ДУХТАРОНИ ТО 17-СОЛА ДАР ДУШАНБЕ

**4-уми март дар шаҳри Душанбе Чемпионати CAFA-2025 байни дастаҳои духтарони то 17-сола шурӯъ шуд.**

Дар даври аввал духтарони Тоҷикистону Қирғизистон бозӣ карданд. Воҳурӣ бо ҳисоби 1:0 ба нафъи меҳмонҳо анҷом ёфт. Дар бозии дигар духтарони Эрон ва Ӯзбекистон бозӣ карданд, ки ин воҳурӣ ҳам бо ҳисоби 1:0 ба охир арсид. Духтарони Ӯзбекистон пирӯз шуданд.

Дар даври дуюм Эрон бо Қирғизистон ва Ӯзбекистон бо Тоҷикистон рӯзи 6-уми март бозӣ мекунанд. Ҳоло тимҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон мутаносибан бо касби 3-имтиёзӣ пешгоми ҷадвали мусобиқа мебошанд.

РЕЗААХБОР

Бозии финалии Ҷоми Осиё миёни дастаҳои мунтахаби то 20-сола, ки дар Чин баргузор шуд, бо пирӯзии дастаи Австралия бар Арабистони Саудӣ ба анҷом расид. Вақти асосии бозӣ бо натиҷаи 1:1 анҷом ёфт. Дар зарбаҳои пеналтӣ Австралия бо ҳисоби 5:4 пирӯз шуд. Австралия бори аввал дар чунин мусобиқа қаҳрамон шуд. Арабистони Саудӣ дар солҳои 1986, 1992 ва 2018 ғолиби мусобиқа шуда буд.

***

Баъд аз анҷоми Ҷоми Осиё миёни 20-солаҳо маълум шуд, ки дар Ҷоми ҷаҳон-2025, ки аз 27-уми сентябр то 19-уми октябр дар Чилӣ баргузор мешавад, аз Осиё Арабистони Саудӣ, Австралия, Ҷопон ва Курияи Ҷанубӣ ширкат мекунанд. Аз Аврупо Фаронса, Италия, Норвегия, Испания ва Украина, аз Укёнусия Каледонияи Нав ва Зеландияи Нав, аз Амрикои Ҷанубӣ Чилӣ, Аргентина, Бразилия, Колумбия, Парагвай ва аз Амрикои Шимолӣ Куба, Мексика, Панама ва ИМА ширкат хоҳанд кард. Дастаҳои африқоӣ ҳанӯз маълум нестанд.

***

Дар Чемпионати ҷаҳонии куштии кураши қазоқӣ дар шаҳри Деҳлии Ҳиндустон варзишгарони тоҷик 4 медал ба даст оварданд. Дар рӯзи аввали мусобиқа Наврӯзи Каримзод дар вазни то 74 кг нишони нуқра гирифт. Дар рӯзи охир дар вазни 82 кг Ҳайдар Саидкабирзода ба гирифтани медали нуқра шарафёб шуд. Ҳақназар Назаров дар вазни то 90 кг низ нишони нуқра ба даст овард. Дадахон Қурбоналиев дар вазни ҷамъи 100 кг ба гирифтани нишони биринҷӣ даст ёфт.

***

Футболбози тоҷик Хусрав Тоиров дар ҳайати дастаи «Черноморес»-и Украина аввалин бозиашро анҷом дод. Комрон Турсунови тоҷик дастаи «Гокулам Керала»-и Индонезиро тарк кард. Футболбози 21-солаи тоҷик Салоҳиддин Эргашев ба дастаи «Арсенал» аз Беларус гузашт. Шервонӣ Мабатшоев бо дастаи «Кяпаз» аз Озарбойҷон шартномаи ҳамкорӣ баст.

***

Дар доираи бозиҳои даври 17-уми Суперлигаи футзали Тоҷикистон "Соро компания"-и Душанбе бо тими "Регар"-и Турсунзода бозӣ кард ва бо ҳисоби 14:3 пирӯз шуд. Баъди 17 давр "Соро компания" бо 42 имтиёз дар ҷойи якуми ҷадвали умумии Суперлига қарор дорад. Нобаваста аз натиҷаҳои бозиҳои даври 18-ум "Соро компания" дар марҳилаи чаҳорякниҳоӣ бо тими "Регар" бозӣ мекунад.

# МУРОҶИАТНОМА

*Ба парлумонҳои ҷумҳуриҳои Иттиҳодро гумкарда*
*Ба созмонҳои бонувони давлатҳои ИДМ*
*Нусха ба Котиби Генералии СММ*




Мо, як гурӯҳ мардони чабрдидаю бечора дар арафаи иди барои мо хеле вазнину душвор, ки эҳтимол тақдири сайёраро ҳал намояд, мурочиат мекунем. Ин ҳам бошад, иди тамоми бонувони ҳафт иқлим - 8-уми МАРТ.

Боиси таассуф, ки баробари наздик гаштани ин рӯзи барои мо номуборак аз се як қисми мардон дучори бемории рӯҳию васвос мегарданд. Бисёрии онҳо бистарӣ мешаванд, сафи аз ин дунё дилкандагон меафзояд.

Баъзеи онҳо инсулт шаванд, гурӯҳи дигарашон вайсулт мешаванд. Яъне аз ҷониби занон назди мардон гузошта шудани шартҳои қатъӣ, ки сар тофтан аз он баробари ду қадам ба сӯи дӯзах аст.

Яъне:

1. Тайёр кардани туҳфаҳои қиматбаҳо ба бонуи оила ва умуман, ҷинси занонаи хонадон. Ҳатто хизматгори кирояи оила, ҳамшираи тиббие, ки сол дар миён барои хабаргирӣ меояд ва мураббияи кӯдакистон ҳам аз ин берун нест.

2. Пок кардани фарш, дару тиреза, девору шифти хона. Агар деҳот бошад:

а) рӯфтани ҳавлӣ, назди дарвоза;

б) захира кардани об, тайёр намудани ҳезум;

в) ҷӯшидани гов, чогардон кардани гӯсола, майда кардани бедаю бичан, бароварддани ахлоти чорво, пухтани шир ва хобондани чурғот.

3. Шустани либос, ранг додани пойафзол, дарзмоли либосҳо.

4. Пухтани таоми дилкаш, оростани дастархони идона барои бонуи бонучаҳо. Дар як вақт ҷумшӯ кардани дегу табақ, коса, чойнаку пиёла, чумчаю вилка то дандонковак.

5. Барои таъмини оромии шишт дар як хонаи алоҳида нигохубин (хабс) кардани кадучаҳо. (Дар мо бачаҳоро ҳамин хел мегӯянд).

6. Агар бонуи хонадон аз давраи идона шиpакайф оянд, массаж кардани сараш ва молиш додани дасту пои ӯ.

7. Муваққатан қатъ кардани алоқаи фармудаи Парвардигор.

Албатта, ин як қисми корҳое, ки иҷрояш аз ҷониби мардон дар як рӯз хатмист. Акнун бигӯед, оё иҷрои ҳамаи ин барои як мард баробари бардоштани санги осиёб нест? Наход шумо сарварон, пас аз 8-уми март мардони кошу мӯйлабашон сӯхтаю (аз оташи тафдон) рӯяшон бо нохуни кӯдакон канда, сарашон докапечу (қирраи дар задаю шишаи тиреза бурида) дасташон ба гардан овезон (хангоми чомашӯӣ ба собун ғеҷида)-ро надида бошед?

Наход маълумотномаи вазоратҳои дохилию хориҷӣ оид ба афзудани мардони ба садама дуҷоршуда (хангоми кофтани туҳфаҳо ва харид аз бозор) нарасида бошад? Ё худ шумораи мардони дар мағоза аз хуш рафта (хангоми шунидани нарху наво) бароятон маълум нест?

Бинед, дар ҳамон рӯзҳо мардон аз даву ғеҷ ба ҳабаши Африко табдил ёфта, боиси хандаю масхараи негирҳои тахчой мешаванд!

Мо аз таҳқири мардон бо қалами зумраи шоиру шоирчаҳо, адибони ришрехтаю қаламбадастони нав аз тухм баромада ба дод омадем. Зеро рӯзи 8-уми март онҳо занонро аз Моҳ гирифта ба Марс мешинонанду мардонро ба як банд ғӯзапоя баробар мекунанд. Барои чӣ торафт нисбати занон кам гаштани ҷинси мардон дар идораҳои бадвоҳимаю колиндор таҳлил намегардад? Оё арафаи ид рӯй додани чудошавии бештар дар қайди шумоён нест?

Хулоса, мо мардон қатъиян чунин талаб дорем: бахри пешгирии кам шудани ҷинси мард 8-уми март ба 29-уми феврал гузаронида шавад. Он гоҳ иди занон дар чор сол як маротиба меояду дар ин давр мардон оҳи сабук кашида, кам бошад ҳам, афзоиш меёбанд.

Боварӣ дорем, талаби мо аз ҷониби тамоми мардони Шарқу Ғарб, Шимолу Ҷануб бо кафкӯбӣ дастгирӣ меёбад ва барои таъмини иҷрои он декларатсия қабул мешавад.

*Бо эҳтироми қавӣ:*
*имзо, имзо, имзо ва боз имзо*

**Эгамназар СОҲИБНАЗАРОВ**

## ДИПЛОМ

Ҷавоне дипломашро мегирад ва ба пушташ овезон мекунад. Аз ӯ мепурсанд:

- Чаро овезон кардӣ?

Ҷавон мегӯяд:

- Ман чор сол аз паси ин давидам, акнун ин аз паси ман бидавад.

## ПАНД

Марде ба аракнӯш панд медод:

- Касе, ки арақ нанӯшад, умри дароз мебинад.

Аракнӯш:

- Дуруст мегӯӣ, се рӯз арақ нанӯшидам, се рӯз чун се сол гузашт.

## АСИР

Зане ба муқобили фашистҳо ба ҷанг меравад. Аз ӯ мепурсанд, ки дар ҷанг чӣ қаҳрамонӣ нишон додӣ?

Зан дасташро ба шикамаш монда, мегӯяд:

- Як бачаи немисро асир гирифтам.

## ЧАНОР Ё БЕД?

Дилдодагон дар боғ сайр мекунанд. Духтар аз писар мепурсад:

- Агар он дарахти бед забон медошт, ба мо чӣ мегуфт?

Писар:

- Агар забон медошт, мегуфт: "Аҳмақ, ман дарахти чанорам, на бед!".

## ТУХМИ ХАР

Хари Афандӣ дар ботлоқ то гӯшҳояш ғарқ мешавад. Афандӣ ҳарчанд мекӯшад, коре барои наҷот додани ҷонвар карда наметавонад. Дар ҳамин аҳвол марде Афандиро дида мепурсад:

- Ҳа, Афандӣ, дар ин ботлоқзор чӣ гум кардӣ?

Афандӣ мегӯяд:

- Ҳеҷ чиз, тухми хар кошта будам, нав гӯшҳояш баромадааст.

## ДЕР ШУД

Ба Юлдошбой як пиёла об доданд ва баъд аз хӯрдан гуфтанд, ки ин арақ буд. Пас аз чанд лаҳза диданд, ки Юлдошбой маст шудааст.

Гуфтанд:

- Мо шӯхӣ кардем, арақ набуд, об буд.

Юлдошбой гуфт:

- Акнун чизе буду набуд, дер шуд, маро маст кард.

## ХОНА

Марде аз деҳа ба пойтахт омада, хонаҳои баландошёнаро дида, хушаш меканад. Рӯзи дигар ба деҳа омада, мардумро гирдаш ҷамъ карда мегӯяд:

- Эй мардум, шумо барои 2 сотих замин шуда одамкушӣ мекунед, ба Душанбе равед, хонаҳо тал задагӣ!

**Таҳияи**
**Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

